*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №74-75 (2901-2902) | ШАНБЕ, 16 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Идомаи сафари кории Сарвари давлат ба вилояти Суғд



**Субҳи рӯзи 13 июни соли 2012 сафари кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар шаҳри Конибодом идома ёфт.**

Конибодом яке аз шаҳрҳои муҳими саноатию кишоварзии вилояти Суғд ба шумор меравад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар ин шаҳр роҳбарият ва аҳли ҷамоати он истиқбол гирифтанд.

Боздиди Президенти кишвар аз маркази шаҳр бо оғози навсозии роҳҳои дохилии он оғоз ёфт. Барои ин мошину механизми зиёди муосири роҳсозӣ сафарбар гардидааст.

Тавре иттилоъ дода шуд, имсол тибқи нақша, бояд 4 км роҳҳои маҳаллии дохили шаҳри Конибодом навсозӣ шавад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки худи ҳамин сол 11 км роҳ навсозӣ шавад ва мужда расонд, ки барои ин 3 миллион сомонӣ маблағҳои ҷумҳуриявӣ низ ҷудо карда мешавад. Соҳибкори маҳаллие, ки ба навсозии ин роҳ машғул аст, изҳор дошт, ки 1,5 километри ин роҳро аз ҳисоби даромадҳои ширкати худаш навсозӣ мекунад.

Хотиррасон гардид, ки имсол навсозии роҳҳои маҳаллӣ дар бисёр шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд авҷи тоза пайдо намудааст.

Сипас, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба маркази тиҷоратию истеҳсолии «Созмон», ки дар як гӯшаи маркази Конибодом қарор дошта, ба гуфти роҳбараш Дилмурод Отахонов, самараи дастгирии давлатӣ аз рушди соҳибкории хусусӣ мебошад, ташриф овард.

Тавре аён шуд, ин бино аз ду ошёна иборат буда, дар он коргоҳҳои истеҳсоли мебел, масолеҳи сохтмонии пластикӣ ва алюминӣ, дӯхти либос, заргарию гулдӯзӣ, толори пардози арӯсон ҷойгир шуда, як қисми дигари утоқу толорҳояш барои пешниҳод ба иҷорагирони дигар омода гаштаанд. То ҳол дар ин марказ 25 нафар аз ҷониби худи соҳибмулк ва 30 каси дигар аз ҷониби иҷорашинҳои он бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Бо маслиҳати Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон соҳибкор Дилмурод Отахонов ӯҳдадорӣ гирифт, ки коргоҳҳои истеҳсолиро васеъ намуда, дар зарфи як соли оянда боз 150 ҷойи нави корӣ муҳайё созад.

Ин соҳибкори муваффақ ба истиқболи солгарди 15-уми Ваҳдати миллии Тоҷикистон ва дар пайравӣ ба иқдомоти сершумори башардӯстонаи Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон барои 30 нафар писарбачаҳои ятим ва аз оилаҳои ниёзманд тӯйи хатна орост. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори саховатпеша барои ин кори хайру савобаш арзи сипос карда, ба ҳар як писарчаи хатнашаванда тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуд.

Дар гӯшаи дигари шаҳр бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон як мактаби наву замонавӣ, ки бо харҷи 2,1 миллион сомонӣ дар заминаи як бинои валангор бунёд ёфтааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Зимни шиносоӣ бо шароити дар ин боргоҳи маърифат муҳайёшуда, аз ҷумла зикр гардид, ки он дорои 40 синфхона, 8 утоқи корӣ, ошхона, майдончаи варзишӣ ва ғайра иборат буда, барои 1280 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Ҷавонону наврасони синни мактабии ин маҳалла аз ифтитоҳи он басо шод гардиданд, зеро то ин вақт дар ин наздикиҳо ягон мактаб вуҷуд надошт. Мактабҳое, ки онҳо таҳсил мекарданд, дар сурати пиёда рафтан дар масофаи қариб яксоата роҳ қарор доштанд.

Дар хоҷагии ба номи Энаҷон Бойматоваи шаҳри Конибодом бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дарави ғаллаи обӣ оғоз ёфт.

Ба роҳбарият ва аҳли заҳмати хоҷагӣ маслиҳат дода шуд, ки ҳосили ғалларо аз ин ва дигар заминҳои обӣ ҳар чӣ зудтар ҷамъоварӣ карда, дар ҷойи он кишти такрориро ба роҳ монанд, то ин ки истифодаи пурсамари он ва рӯёнидани ду ва зиёда ҳосил таъмин гардад.

Тавре аён гардид, деҳқонони ин хоҷагӣ дар ташкили кишти такрорӣ ва рӯёнидани якчанд ҳосил аз як замини обӣ таҷрибаи хуб касб намудаанд.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин нашъунамои сабзавоту полезӣ, ниҳолҳои зардолубоғи навбунёд ва навниҳолҳои кӯчати ин ва дигар меваҳои шаҳдборро аз назар гузаронда, ба мутахассисон ва деҳқонону боғпарварон маслиҳатҳои муфид дод.

**(Идома дар саҳ. 2)**

**● Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

## Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд



**14 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид УБАЙДУЛЛОЕВ Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мувофиқи маълумоти пешакӣ, аз 33 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ 32 нафар дар толор иштирок доранд. Бо мақсади бори дигар дақиқтар намудан аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоем, ки бо истифода аз системаи электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Ҳоло дар толор 32 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ҳузур доранд.

Дар Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ –намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Прокурори генералӣ, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, муовини аввали раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини раиси Суди Олии иқтисодӣ иштирок доранд. Ҳамчунин намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки ба иҷлосия даъват шудаанд, дар толор ҳузур доранд.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи моддаи 20 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС:** - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст котиботи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро интихоб намоем. Оид ба ин масъала ба таваҷҷуҳи шумо матни лоиҳаи қарори зерин пешниҳод мешавад:

Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи котиботи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Котиботи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дар ҳайати зерин интихоб карда шавад:

**Раиси котибот:**

Зувайдов Маҳмасаид Маҳмудович



Аъзои котибот:

Гуломшоева Қобиламо Кановна

Абдураҳмонов Саидумрон Назарович.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Чӣ гуна таклифҳо доред? Лоиҳаи қарори зикршударо ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. *Қарор қабул шуд.* Аз аъзои Маҷлиси миллӣ, ки ба ҳайати котибот интихоб шуданд, хоҳишмандам ба ҷойи кориашон гузаранд.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба мо лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро тасдиқ намоем. Лоиҳаи қарор оид ба ин масъала дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум»-ро ба овоз мемонам. *Қарор бо дарбаргирии масъалаҳои мазкур қабул шуд:*

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шаҳрвандон»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»**

**24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»**

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ»**

**28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»**

**29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ»**

**30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»**

**31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот»**

**32. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»**

**33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо»**

**34. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ»**

**35. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ»**

**36. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»**

**37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»**

**(Идома дар саҳ. 3)**

**● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Дар интихоби вакилон ва таъини роҳбарони вазорату идораҳо донистани забони давлатӣ ба эътибор гирифта мешавад

**13 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот».**

**(Идома дар саҳ. 5)**





# Сарвари давлат машқҳои ҳарбиро назорат кард

**14 июни соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои назорат аз рафти машқҳои ҳарбии муштараки кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ба машқгоҳи ҳарбии Чорукдарони вилояти Суғд рафт.**

Дар ин ҷо қисмати ниҳоии машқҳои муштараки ҷузъу томҳои низомии Қувваҳои Мусаллаҳ ва неруҳои махсуси давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай баргузор гардид. Барои иштирок дар ин машқҳо беш аз 2,5 ҳазор низомиён, зиёда аз 300 адад техникаи вазнини зиреҳпӯш ва 50 чархболу ҳавопаймои ҷангӣ сафарбар шудаанд.

Ҳадафи асосии ин машқҳо дар амал санҷидану сайқал додани ҳамоҳангии амалиёти муштараки неруҳои мусаллаҳи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар шароити наздик ба ҳолати ҷангӣ дар кӯҳу биёбон мебошад.

Хотиррасон бояд намуд, ки чунин машқҳои бузургмиқёси кишварҳои аъзои ин созмон дар Тоҷикистон бори нахуст баргузор мегардад.

***www.prezident.tj***

# Идомаи сафари кории Сарвари давлат ба вилояти Суғд



**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар зери як зардолубоғи серҳосили ин хоҷагӣ бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон намоиши иди зардолу ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ баргузор шуд. Тавре зикр гардид, дар ин ҷо 54 намуди беҳтарин, серҳосил ва асосан ба содирот нигарондашудаи зардолу ба намоиш гузошта шуд. Соли гузашта ҳаҷми истеҳсол, коркард ва содироти зардолуи тару тоза ва хушк дар шаҳри Конибодом ба 5 миллион сомонӣ баробар шуд. 6,1 фоиз даромад ба буҷети маҳаллии Конибодом аз ҳисоби зардолупарварӣ аст.

Дар ҳамин ҷо, ҳамчунин анвои гуногуни меваю сабзавот, тухмиҳои серҳосили зироатҳои кишоварзӣ, асали баҳорӣ ва дигар маҳсулот ба намоиш гузошта шуда буд.

Зимни шиносоӣ бо гӯшаи занбӯриасалпарварон, аз ҷумла зикр гардид, баъди қабули Барномаи давлатии рушди ин бахш, яъне аз соли 2003 инҷониб истеҳсоли асал ва дигар маҳсулоти занбӯр беш аз 7 баробар афзудааст. Соли 2003 дар вилояти Суғд ҳамагӣ 200 кг асал ҷамъоварӣ шуда будааст. Соли гузашта ин нишондод қариб ба 1200 тонна расид. Соли равон бошад занбӯриасалпарварон бовар доранд, ки аз 49500 оилаи занбӯр 1,5 ҳазор тонна асал ҷамъоварӣ мешавад.

Дар ҳамин ҷо бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон озмуни вилоятии беҳтарин шаҳр ё ноҳияи зардолупарвар ҷамъбаст гардид. Тибқи натиҷаҳои озмун, ки аз ҷониби комиссияи вилоятӣ муайян шудааст, ҷойи якум бо 50 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ насиби шаҳри Конибодом шуд. Ҷойи дуюм бо 30 ҳазор сомонӣ ба шаҳри Исфара ва сеюм бо 20 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ ба ноҳияи Ашт дода шуд.

Дар зардолубоғи дигари ҳамин хоҷагӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолони вилояти Суғд маҷлиси машваратӣ доир намуда, натиҷаҳои панҷмоҳаи фаъолияти шаҳру ноҳияҳои онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод ва барои таъмини рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ин минтақаи файзбор дар назди масъулин вазифаҳои мушаххас гузошт.

**Нимаи дуюми рӯзи 13 июни соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Конибодом ба шаҳри Исфара ташриф оварда, нахуст бо ҷараёни азхуднамоии дашти навободи Моҳпарӣ шинос шуд.**

Тавре зикр гардид, дар мавзеи Моҳпарӣ бо баровардани об аз дарёи Исфара бояд наздики 3 ҳазор гектар замини ташналаб шодоб гардида, дар зиёда аз 800 гектари он беш аз 5 ҳазор хонавода ё худ 40 ҳазор аҳолӣ дар маҳаллаҳои навбунёди ободу зебо соҳиби манзили истиқоматӣ шавад. Зиёда аз 2200 гектари он барои боғдорию зироаткорӣ ва ба кор таъмин кардани мардум пешбинӣ шудааст. Ҳашт километри канали обёрӣ, ки дарозии умумиаш 10 км хоҳад буд, аллакай омода гашта, ба мавзеи Моҳпарӣ расидааст. Дар ҳузури Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар фазои тантанавӣ ба канали Моҳпарӣ ва ин мавзеи ташналаб оби ҳаётбахш сар дода шуд.

Мавриди зикри хос аст, ки беш аз 4 километри ин канал



дар давоми ду моҳ бе харҷи маблағҳои буҷетӣ аз ҷониби мардум тариқи ҳашар канда шуд. Барои қиёс зикр гардид, ки 5 км аввали ин канал замони шӯравӣ дар давоми 5 сол омода гардида будааст. Аз ин хотир, бо боварӣ метавон гуфт, ки мардуми Исфара бо неруи бузурги ваҳдатофарӣ матонати бемисли Фарҳоди кӯҳканро дар ин мавзеъ бори дигар такрор намуданд.

Тавре зикр гардид, ба ин кор асосан ҳавасмандии мардум ба ободонии ин мавзеи паҳно, ҳалли мушкилоти манзилӣ ва ҳамчунин қобилияти ташкилию сафарбарсозии роҳбарияти шаҳри Исфара боис гардидааст. Аксари булдозеру экскаватор ва дигар техникаю механизмҳо моликияти шахсии соҳибкорону аҳолии дигари шаҳри Исфара буда, бе харҷи маблағҳои давлатӣ ба ин кор сафарбар шуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани хишти аввали яктогӣ мактабу маркази саломатӣ ва нахустин хонаи истиқоматӣ ба бунёди маҳаллаҳои нави аҳолинишин оғоз бахшид.

Ин маҳаллаҳо дорои ду мактаби замонавӣ бо 1150 ҷойи нишаст дар як баст, як маркази саломатӣ, ду ҳаммоми ҷамъиятӣ ва дигар иншооти иҷтимоию зербиноӣ хоҳанд буд. Дар ин мавзеъ асосан оилаҳои ниёзманди деҳаҳои сераҳолии Чоркӯҳ, Ворух, Чилгазӣ, Кулкант, Нефтобод ва ғайра, ки мушкилоти ҷиддии манзилӣ доранд, ҷойгир карда мешаванд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки маҳаллаҳои нави истиқоматиро бо шабакаҳои обу барқ, роҳҳои мумфарш, хонаҳои зебою устувор ва дигар шароити зарурӣ бунёд намоянд.

Аз ин ҷо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба маркази шаҳри Исфара ташриф оварда, се корхонаи нави коркарди меваю сабзавот ва як мағозаи фурӯши китобро ифтитоҳ намуд ва аз варзишгоҳи марказии шаҳр дидан карда, дастур дод, ки онро навсозӣ ва дорои 20 ҳазор ҷойи нишаст кунанд.

Аввал корхонаи саноатӣ, ки бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Исфара ба кор даровардa шуд, ин корхонаи «Исфара – фуд» доир ба коркард ва бастубанди хушкмеваи зардолу, себ ва ғайра буд.

Чунонки иттилоъ дода шуд, дар ин корхона 60 нафар бо кори доимӣ таъмин гардидаанд. Иқтидори лоиҳавии корхона 3 ҳазор тонна буда, дар 4 моҳи аввали кор дар ин ҷо 150 тонна хушкмева коркард ва дар зарфҳои зебои бозоргузар бастабандӣ шудааст. То охири сол аз ин ҷо то 600 тонна хушкмева бояд ба хориҷи кишвар содирот карда шавад.

Корхонаи дуюми саноатӣ бо номи «Сан Фуд» бунёд ёфтааст, ки маънояш озуқаи офтобӣ мебошад. Ҳоло дар ин ҷо 88 нафар соҳиби кор шудаанд. То охири сол шумораи коргарон бояд ба 140 нафар расонда шавад. Соли равон аз ин корхона беш аз 350 тонна хушкмева содирот хоҳад шуд. Ба иттилои раиси раёсати ширкати «Барс» Бахтиёр Мирзобаҳодуров, ки таъсисдиҳандаи ин корхона мебошад, то соли 2013 иқтидори коркард ва содироти хушкмеваи ин корхона ба 1,5 ҳазор тонна расонида хоҳад шуд.

Дар паҳлуи он, ҳамчунин як хати нави технологӣ оид ба коркарди меваю сабзавоти тару тоза дар корхонаи саноатии «Бадр и Ко» ба кор даровардa шуд. Дар ин корхона, асосан афшураю хамираи зардолу, себ, помидор омода ва аввал дар зарфҳои калонҳаҷм ҷойгир мешавад. Сипас, ин маҳсулоти нимтайёр давоми 8 моҳи дигар дар зарфҳои хурди ба бозори истеъмолӣ пешниҳодшаванда бастабандӣ мегардад. Номгӯйи пурраи маҳсулоти ин корхона аз 6 намуд иборат аст.

Бо фаъол гардидани хати нави ассептикӣ иқтидори истеҳсолии корхонаи «Бадр и Ко» аз ду миллион ба чор миллион қуттии шартӣ расонда шуда, шумораи коргаронаш аз 30 ба 60 нафар расид.

Мавриди зикри хос аст, ки маҳсулоти ҳар се корхонаи имрӯз дар шаҳри Исфара фаъолгардида асосан ба содирот ба Россия, Беларусу Украина ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нигаронида шудааст. Сифати истеъмолии қисмати зиёди ин маҳсулот дар озмоишгоҳҳои мӯътабари байналмилалӣ озмуда шуда, соҳиби сертификати ҷаҳонии HASP мебошанд.

Бо қаноатмандӣ иттилоъ дода шуд, ки тибқи дастуру супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон то охири соли 2013 шумораи корхонаҳои коркард ва бастабандии меваи хушк дар шаҳри Исфара ба 15 адад мерасад.

Соҳибкорони исфарагӣ ҳамчунин азм доранд, ки як адад чунин корхона дар шаҳри Кӯлоб низ бунёд намуда, меваю сабзавоти ин минтақаи пурфайзу баракатро мавриди коркарди саноатӣ ва бастубанд қарор диҳанд ва иқтидори содиротии ширкатҳои худро афзун намоянд.

Зимни ифтитоҳи маркази савдои «Марҳабо», ки дар ошёнаи аавали он мағозаи калони фурӯши китоб ҷойгир шудааст, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки ҳоло он дорои 10 ҳазор нусха китоб аст ва то моҳи сентябри соли равон ин шумора ба 40 ҳазор мерасад.

Дар як гӯшаи он, ҳамчунин китобхонаи электронӣ омода шудааст, ки бо Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва дигар китобхонаҳои бонуфузи ҷаҳон пайваст мебошад.



Сафари кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Исфара бо боздид аз варзишгоҳи марказии шаҳр ба поён расид.

Дар ҳузури чандин ҳазор нафар варзишгарони касбӣ ва ҷавонону наврасон, ки барои истиқболу гусели меҳмони олимақом гирд омада буданд, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мужда расонид, ки ин варзишгоҳ мавриди навсозии пурра қарор гирифта, дорои 20 ҳазор ҷойи нишаст мешавад.

***www.prezident.tj***

● Ба ифтихори 15-солагии Ваҳдати миллӣ

# Ваҳдати миллӣ асоси бунёдкориҳост

Аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 сол сипарӣ мегардад. Давоми ин солҳо дар ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангию иҷтимоии мамлакат таҳаввулот ва пешравиҳои ҷиддӣ ба амал омад.

Пеш аз ҳама, дар Ватани маҳбуби мо сулҳу субот пойбарҷо ва миллати сарбаланди тоҷик муттаҳид шуда, ба созандагию бунёдкорӣ машғул гардид.

Имрӯз ҳар як сокини солимфикри сарзаминамон вазифадор аст ин имконияти дар ҳақиқат таърихиро басо оқилона истифода намуда, истиқлоли Ватан, ягонагӣ ва Ваҳдати миллиро таҳкими ҳамаҷониба бахшад.

Шоистаи зикр аст, ки нури Ваҳдат якуним даҳсола инҷониб ба шарофати талошҳои меъмори сулҳи тоҷикон, Ҷаноби Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар дилу дидагони мардумон шӯълаандозӣ мекунад.

Сокинони кишвар ба фардои миллат ва ободии Ватани соҳибистиқлол бовар доранд ва эътимодашон қавист. Маҳз бо шарофати Ваҳдати миллӣ мақому манзалати Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир бамаротиб баланд рафта, мамлакати мо чун ҷузъи ҷудонопазири тамаддуни башарият обрӯй пайдо намуд.

Беҳуда нест, ки Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ваҳдати мардуми Тоҷикистонро як ҷузъи асосии сиёсат қарор дода, аз ҷумла зикр намудааст: ***«Итминони комил дорам, ки мардуми Тоҷикистон Ваҳдати ҷовидона ва иттиҳоди пӯлодии худро бори дигар ба аҳли башар нишон медиҳад ва созандаву бунёдкор будани хешро собит месозад»***.

Халқияту миллатҳои зиёде дар дунё ҳастанд, ки садсолаҳо барои истиқлолу давлати аз даст рафтаашон талош ва ҷангу хунрезиҳо доранд.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки барои ба даст омадани Ваҳдати миллӣ дар кишварамон кишварҳои кафили сулҳ, созмонҳои байналмилалии бонуфуз, бахусус Созмони Милали Муттаҳид кори хеле муҳим анҷом доданд.

Имрӯз Тоҷикистони азизи мо ба муваффақиятҳои назаррасӣ сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ноил шуда, дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи муносиб пайдо кардааст. Пояҳои истиқлолияти давлатии мо сол то сол устувор мегардад. Амнияту оромӣ, ки маҳсули сулҳу ризоияти миллӣ мебошанд, имкониятҳои бештари ободию осудагии кишварамонро фароҳам меоранд.



Бесабаб нест, ки имрӯз созмонҳои байналмилалӣ ва доираҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон таҷрибаи сулҳи тоҷиконро меомӯзанд ва онро ҳамчун падидаи нодир ва боарзиш дар таърихи бунёди сулҳ дар кишварҳои гирифтори низоъҳои дохилӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Мо соҳибистиқлол гардидем ва аз ин неъмати муқаддас меболему ифтихор мекунем. Бештар аз ҳама, ин шукронаи мардуми ҷумҳуриро, мо зимни вохӯриҳо бо интихобкунандагон эҳсос менамоем, ки дар ҳар як ноҳия, деҳа ва маҳалли зист онҳо шукронаи сулҳу суботро мекунанд.

Имсол чун ҳамасола, мардум барои истиқболи ҷашни фархундаи Ваҳдати миллӣ ҳамаҷониба омодагӣ мегиранд. Гузашта аз ин, дар арафаи ин рӯзи муборак ба истифода додани иншооти ҷашнӣ дар тамоми қаламрави кишвар ба ҳукми анъана даромадааст, зеро имрӯз мо худ шоҳиди он ҳастем, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои ободонӣ ва пешравии иқтисоди кишвар чӣ қадар ҷидду ҷаҳд менамоянд.

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омили муосидаткунандаи фаъолияти самарбахши аҳли ҷомеаи муосири кишвар ҳисоб мeёбад, зеро Президенти мамлакат таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, воридоти технологияи пешрафта, ташкили ҷойҳои нави кориро аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳим арзёбӣ намуд. Боиси хурсандист, ки даҳҳо барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, садҳо биноҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, роҳҳо, нақбҳо, пулҳо, қасрҳо, мактабу донишгоҳ, парваришгоҳ, боғу майдонҳо ва амсоли инҳо бунёд гардида, симои маънавию иқтисодӣ, меъмории Ватани маҳбубамонро боз ҳам зебо мекунанд.

Ҳар як комёбии кишварамон моро рӯҳбаланд месозад ва баҳри расидан ба қуллаҳои нав ҳидоят менамояд, зеро ҳар хиште, ки дар роҳи ободии диёр гузошта мешавад, кохи сулҳи миллатро шукӯҳу ҷалоли тоза мебахшад.

***Нодира ТУРДИМАТОВА,***
***вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Дар партави Паём

# Рӯй ба мактабу маориф оварем

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян намуд, ки чун як барномаи муҳими давлатӣ барои рушду инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон хеле саривақтист.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мисли паёмҳои пешин ва дигар мулоқоту вохӯриҳояш ба масъалаи мактабу маориф бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки он кормандони соҳаи маорифро хеле рӯҳбаланд сохт. Аз моҳи сентябр дар марҳилаи дуюми зиёдшавии музди меҳнат 60 фоиз баланд бардоштани маоши кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дилгармӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносии омӯзгоронро ба вуҷуд овард.

Давлату Ҳукумат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро идома медиҳад. Тавре дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, маҳз дар ҳамин давра барнома ва консепсияҳои муҳими давлатӣ қабул гардиданд, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи маориф, дар ин замина беҳтар намудани шароити кории омӯзгорон ва сатҳи таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшиданд.

Маориф ҳамчун соҳаи сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои ислоҳоту рушди пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир мегардад.

Воқеан, истиқлолият боиси он шуд, ки кишварамон рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад, ҳамдигарфаҳмию ваҳдат дар ҷомеа устувор мегардад. Умеди мардум ба ояндаи кишвару тақдири фарзандон торафт боварибахш мешавад.

Мо ифтихор аз он дорем, ки Президенти мамлакатамон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли маориф эҳтироми хоса доранд ва пайваста ҳамагонро даъват менамоянд, ки рӯ ба мактаб биёваранд, ҳаммарому мададгори аҳли маориф бошанд.

Пайваста баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи маориф, бунёди мактабҳои нави замонавӣ, таъмири таълимгоҳҳо, нашри китобҳои дарсии хушсифат, ҳавасмандсозии ҷавонон ба пешаи омӯзгорӣ, дастгирии омӯзгорони эҷодкор, бо техникаи муосир, аз ҷумла компютерҳо муҷаҳҳаз сохтани таълимгоҳҳо ва амсоли инҳо тадбирҳоеанд, ки дар баробари боло бурдани нақши маориф дар кишвари мо аҳли маорифро ба фаъолияти бештар, комёбиҳои нав ҳидоят менамоянд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунад, ки ҳама гуна амният ва тансиҳатӣ, ободӣ ва рӯзгори хуш аз рисолату масъулияти омӯзгор бармеояд. Ҳидояти омӯзгор аст, ки ҳамаи мо дар ҷомеа худшиносу ватандӯст ва огаҳ аз меъёрҳои тамаддуни ҷаҳонӣ ба камол мерасем.

Рӯзгори муаллим дар гузаштаи на чандон дур, хоса аз лиҳози иқтисодӣ, ба мушкилоти муайян бархӯрд дошт, вале омӯзгорони воқеиву садоқатпешаи мо ба рағми ин ҳама мушкилоти даргузар устуворона ва бо меҳру муҳаббати самимӣ нисбат ба насли наврас баҳри шукуфоии кишвар талош намуданд. Дар Паёми ба тозагӣ ирсолкардаи хеш Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳадафи аслии давлат расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа мебошад. Ба ин андеша омӯзгорон боварии комил доранд, зеро зиндагӣ рӯз аз рӯз рангину гуворо мегардад.

Бояд зикр кард, ки таваҷҷуҳи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба тарбияи насли наврас, ба шароити кору зисту зиндагонии муаллимон ҳамешагист. Бовар дорам, кулли омӯзгорон ҳам инро дарк кардаанд. Мо, муаллимон, ки ба қишри зиёиёни ҷомеа тааллуқ дорем, чунин ғамхориҳоро нисбат ба дигар табақаҳои ҷомеа бештар дарк ва қадр мекунему барои солимии ҷомеаи оянда тамоми қудрату тавоноиямонро сарф хоҳем кард.

***Сироҷиддин НУРОВ,***
***директори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Тоҷикобод***

# Дар ҷавоби дастгирию ғамхориҳо

Дар ҶДММ «ЁҚУТ – 2000» Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 20 апрели соли 2012 – ро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, баҳри дар амал татбиқ намудани он қарорҳои дахлдор қабул карданд. Зикр гардид, ки ин санади муҳими сарнавиштсоз самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро барои соли равон муайян намуда, дар боло бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ, нангу номуси ватандории тоҷикистониён нақши созанда мебозад.

Ҳамчунин, дар баробари дигар соҳаҳо, дар Паём ба рушди иқтисод, фароҳам овардани фазои озоду шаффоф барои ривоҷи соҳибкорӣ ва беҳбудии фаъолияти онҳо, ҷалби ҳар чӣ бештари сармоягузорону сармоягузорӣ диққати зиёд дода шудааст. Афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ, ҳаҷми даромадҳои аҳолӣ, маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ, имкониятҳои молиявӣ, музди меҳнати ҳадди ақал, нафақа, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат, ки дар Паём омадаанд, рӯҳбаландкунанда мебошанд.

Дар Паём омадани мисоли бунёди 1000 иншооти иқтисодию иҷтимоӣ, ба истифода додани 100 корхонаи саноатӣ, ташкили 12000 ҷойи корӣ дар ҷумҳурӣ аз тарафи соҳибкорони ватандӯст ва давоми солҳои 2012 – 2013 ба нақшагирии ташкили боз 324 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ, ки дар маҷмӯъ ба муҳайё гардидани 18 000 ҷойҳои кории нав мусоидат менамояд, бешак илҳомбахши ҳар як фарди ватандӯст дар роҳи эҷоду навовариҳо мегардад.

Н. Абдуваҳҳобов, М. Қаюмова, М. Қодирова, И. Яқубов, М. Ҳафизова ва чанде дигарон зимни суханронии хеш изҳор доштанд, ки Паёми имсолаи Сарвари давлат дар байни аҳли меҳнати калонтарин корхонаи истеҳсолии ҷумҳурӣ «Ёқут – 2000», ки теъдоди ниҳоят калони асосан занону духтаронро бо кор фарогир аст, ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо намудааст. Зикр гардид, ки ташкил ва пешравии кори корхонаи мазкур маҳз туфайли дастгириҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон даст додааст. Бинобар ин, онҳо низ ҷавобан ба ин дастгирию ғамхориҳо бо пуштибонӣ аз ҳар нуктаи Паём кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо меҳнати софдилона, ташаббусу навҷӯиҳо дар баланд бардоштани иқтидори иқтисодии мамлакат ҳиссагузор бошанд.

***Мирзо РУСТАМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Иҷрои қонун

# Танзим талаби замон аст

- Моҳи июни соли равон аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» панҷ сол сипарӣ мешавад, - гуфт дар сӯҳбат мудири шӯъба оид ба корҳои дини назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ Хусравбек Рақамов.

Тӯли панҷ сол дар вилоят дар амри амалӣ гардонидани қонуни мазкур, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пешгирии ҳар гуна маъракаи пурдабдаба натиҷаи хуб ба даст омад.

Шӯъба оид ба корҳои дини назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тибқи Низомномаи комиссия оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят тасдиқ гардидааст, давоми панҷ сол фаъолияташро вусъат дод. Дар кори назорат ва таъмини иҷрои қонун баробари кормандони шӯъба, бахшҳои шаҳру ноҳияҳо ва сармутахассисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, 9 комиссияи доимии вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ, 43 комиссияи доимии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, 768 комиссияи ҷамъиятӣ бо теъдоди қариб 4 ҳазор нафар одамони обрӯманди маҳаллаю корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо фаъолият намуда, барои ба низом даровардани баргузории маъракаҳо саҳми арзанда мегузоранд.

Бо мақсади фаҳмонда додани моҳияти қонун дар асоси Низомнома, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастуру супоришҳои Сарвари давлат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, нақша- чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, супоришҳои раиси вилоят Қодири Қосим кор пайваста идома дорад.

Рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери назорати доимӣ қарор дошта, як бор дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва се бор дар машварати назди раиси вилоят муҳокима гардида, фаъолияти комиссияҳои доимию ҷамъиятии шаҳру ноҳияҳо баҳри бемайлон иҷро намудани қонуни мазкур мунтазам дар ҷаласаҳои комиссияҳои доимии вилоятӣ муҳокима ва қарорҳои дахлдор қабул мешаванд.

Агар ба пешравиҳо дар ин самт назар андозем, то давраи қабули қонуни мазкур барои 16 ҳазору 177 маърака 242 миллиону 655 ҳазор сомонӣ сарф мешуд, пас барои баргузории ин миқдор маърака дар панҷ сол тибқи маълумот 48 миллиону 531 ҳазор сомонӣ харҷ шуд ва 194 млн.124 ҳазор сомонӣ ба манфиати шаҳрвандон сарфа гардид.

Омӯзишу санҷиши фаъолияти комиссияҳои доимию ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳо нишон дод, ки сарфи назар аз пешравиҳои назаррас, дар иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳанӯз камбудию норасоиҳо ҷой доранд. Давоми панҷ сол аз тарафи комиссияҳои доимӣ 20 ҳолати қонуншиканӣ ба қайд гирифта, мавод ба судҳои ноҳиявӣ барои баррасӣ ирсол шуд.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ,***
***«Садои мардум»***

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд

(Идома аз саҳ. 1)

**38. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»**

**39. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**40. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»**

**41. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»**

**42. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»**

**43. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминободи вилояти Хатлон»**

**44. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон»**

**45. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»**

**46. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»**

**47. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров А.»**

**48. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров А.А. »**

**49. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов А.И.»**

**50. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Н.М.»**

**51. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров А.С.»**

**52. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Иловов М.»**

**53. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Худоёров Б.Т.»**

**54. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Абдуллоев И.Ғ.»**

**55. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Иловов М.»**

**56. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди додани ризоият барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтани судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Н. Э.».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Масъалаи аввали рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» мебошад.

Дар ин бора сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният мӯҳтарам Иловов Мамадшо дода мешавад. Марҳамат.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**



Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» соли 1996 қабул гардида, аз 20 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллӣ Ҳамид Абдуллоев ва вакилони Маҷлиси намояндагон Амиршо Миралиев ва Галия Рабиева пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули Қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқ гардонидани он ба имлои забони тоҷикӣ ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад.

Вобаста ба ин, дар тамоми матни қонун сархатҳо бо аломати дефис «-» ишора шудааст, ки ин талаботи меъёрии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

Дар моддаи 1[1] калимаҳои «Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ» ба калимаҳои «Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шудааст.

Қисмҳои якум ва дуюми моддаи 5 дар таҳрири зайл ифода шудааст:

«Дар мурочиат бояд насаб, ном, номи падар, суроғаи шаҳрванд, моҳияти таклиф, ариза ё шикоят зикр гардида, ба он имзо гузошта шуда бошад.

Мурочиатҳое, ки дар онҳо насаб, ном, номи падар, суроғаи шаҳрванди мурочиатнамуда зикр нашудаанд ва ё ин маълумотҳо ба воқеият мувофиқ нестанд, инчунин бе имзо мебошанд, мурочиатҳои беном дониста шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.».

Ба сархати панҷуми моддаи 7 баъд аз калимаи «шикоят» калимаҳои «бо забони давлатӣ ва ё забони муошурати байни миллатҳо» илова карда шудааст, ки мувофиқи ин минбаъд шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар бораи натиҷаҳои баррасии шикоят бо забони давлатӣ ва ё забони муоширати байни миллатҳо ҷавоби хаттӣ гирад.

Инчунин моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода шудааст:

**«Моддаи 16. Ҷавобгарӣ барои додани аризаю шикоятҳои тӯҳматангез, таҳқиромез ё аризаю шикоятҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ равона шудаанд**

Шаҳрванд барои додани аризаю шикоятҳои тӯҳматангез, таҳқиромез ё аризаю шикоятҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ равона шудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.».

Илова ба ин як қатор тағйиру иловаҳои дигар ба қонуни мазкур ворид карда шудааст, ки онҳо характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» соли 2011 қабул гардида, аз 7 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санаи 9 декабр ҷашн гирифтани Рӯзи геологҳо, иборат мебошад.

Бо ин мақсад, сархати нӯҳуми моддаи 2 хориҷ ва ба моддаи мазкур сархати шасту нӯҳум бо мазмуни зайл илова шудааст:

«- Рӯзи геологҳо – 9 декабр;».

Мувофиқи тағйироти мазкур, санаи 9 декабр ҳамчун Рӯзи геологҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» соли 2011 қабул гардида, аз 6 бобу 32 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Назрулло Ҷонов ва Ҳабибулло Саъдуллоев пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани мухолифати байни қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи аудити экологӣ», инчунин дар амал ҷорӣ намудани фаъолияти аудитори экологӣ, иборат мебошад.

Бинобар ин, ба банди 5) моддаи 29 қонуни мазкур сархати шашум бо мазмуни зайл илова шудааст:

«- шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ;».

Тибқи иловаи воридшуда, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар баробари дигар ҳуҷҷатҳо шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ барои анҷомдиҳии фаъолияти муайян дода мешавад.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 қабул гардида, аз 51 бобу 853 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба танзим даровардани ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои мамлакат, пурзӯр намудани таъсирнокии чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва кам кардани сатҳи ҳодисаҳои нақлиётӣ иборат мебошад.

Бо мақсади зикргардида санксияи моддаҳои 318 ва 324 вобаста ба риоя накардани аломатҳои роҳ, нишонаҳои роҳ, ба сифати таваққуфгоҳ истифодаи ҳудуди чорроҳаҳо ва гузаргоҳҳо барои пиёдагардон, ҳаракат тавассути пайроҳаҳо, роҳҳои пиёдагард ва итоат накардан ба чароғаки роҳнамо пурзӯр карда шудааст.

Ҳамчунин ба моддаи 749 қисми 3 бо мазмуни зайл илова шудааст:



«3. Ҳангоми содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки дар сархати панҷуми қисми 2 моддаи 697 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад. Ҷазои маъмурӣ дар бланкаи намунааш муқарраргардида ба расмият даровaрда мешавад ва дар сурати ситонидани ҷарима дар маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ба ҳуқуқвайронкунанда пардохтномаи намунаи муқарраргардида дода мешавад.».

Илова бар ин, як қатор тағйиру иловаҳои дигар ба Кодекси мазкур ворид карда шудааст, ки онҳо характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2001 қабул гардида, аз 10 бобу 143 модда иборат мебошад.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, ба танзим даровардани сарбории судяҳо, аз байн бурдани ҳолатҳои мунтазам такроран дар судҳо баррасӣ шудани парвандаҳо ва кам кардани марҳилаҳои судӣ иборат мебошад.

Вобаста ба ин, ба моддаи 12 қисми чорум бо мазмуни зерин илова шудааст:

«Судя дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба ӯ бо тартиби муқарраргардида сертификат дода мешавад.». Мувофиқи ин меъёри воридшуда, яке аз талабот нисбат ба судя ин дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифтани ӯ мебошад.

Сархати якуми моддаи 23 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки мувофиқи он Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯйи ҳолатҳои нав ошкоргардида, инчунин дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, баррасӣ менамояд.

Мувофиқи иловаи ба қисми якуми моддаи 39 воридшуда, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби тақсими парвандаҳоро байни судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуда, шакл ва тартиби пешниҳоди маълумотро дар бораи фаъолияти солонаи ҳар як судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Тибқи тағйироти моддаҳои 46, 48, 57, 92 ва 93[1], суди марҳилаи апеллятсионӣ, аз сохтори судҳои иқтисодӣ хориҷ карда шудааст.

Бо назардошти тағйироти моддаҳои 23, 46 ва 76, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, суди вилоятҳо ва Суди шаҳри Душанбе дар сурати ду маротиба бекор шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас, онҳоро ба истеҳсолоти худ қабул карда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ менамоянд.

Ҳамчунин ба моддаи 135 қисми дуюм бо мазмуни зерин илова шудааст:

«Судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе охири ҳар сол дар бораи фаъолияти солонаи худ мувофиқан ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шакл ва тартиби муқарраргардида ахборот пешниҳод менамоянд.».

Илова бар ин, як қатор тағйиру иловаҳои дигар ба қонуни конститутсионии мазкур ворид шудааст, ки онҳо характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 қабул гардида, аз 7 фасл, 46 бобу 432 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2013, мукаммал гардонидани меъёрҳои Кодекс, мутобиқ намудани онҳо бо дигар санадҳои қонунгузории кишвар, ба танзим даровардани мӯҳлатҳои мурофиавӣ, тартиби овардани шикоят ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд, аз ҷумла риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлат ва корхонаву ташкилотҳо иборат мебошад.

Бинобар ин, қисми 2 моддаҳои 28 ва 29, қисмҳои 3, 4 моддаи 127, қисми 3 моддаи 130, қисми 5 моддаи 375 ва номи моддаи 423 дар таҳрири нав пешниҳод гардида, аз ҷумла моддаи 427 Кодекси мазкур дар таҳрири зайл ифода карда шудааст:

**«Моддаи 427. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Ситонанда ё қарздор метавонад нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд оид ба иҷрои санадҳои суд, санадҳои мақомоти дигар ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо шикоят пешниҳод намояд. Шикоят ба суде, ки дар ҳудуди фаъолияти он иҷрочии суд ӯҳдадориҳои худро анҷом медиҳад, дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи қабули қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд, рад кардани иҷрои чунин амалҳо ё аз рӯзе, ки ситонанда ё қарздор аз қабули қарор, амал (беамалӣ) ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо аз тарафи иҷрочии суд огоҳӣ ёфтаанд, пешниҳод карда мешавад.».

Ҷиҳати аз байн бурдани мухолифати байни меъёрҳои Кодекси амалкунанда қисми 5 моддаҳои 176 ва 177 ҳамин Кодекс хориҷ карда шудааст.

Ҳамчунин матни моддаи 248 қисми 1 ҳисобида шуда, ба моддаи мазкур қисми 2 бо мазмуни зерин илова шудааст:

«2. Ҳангоми номаълум будани маҳалли воқеии истиқомати ҷавобгар, судя баъди аз ҷониби ташкилоти истифодаи манзил ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ё маъмурияти ҷойи кори охирини ҷавобгар бо тасдиқи номуайян будани маҳалли зисти воқеии ҷавобгар баргардонидани нусхаи ҳалнома, дар ҳолатҳои истисноие, ки ин ба манфиатҳои ноболиғон дахл дорад, оид ба ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона таъинот қабул мекунад. Дар таъинот талаботи дар қисми 2 моддаи 121 ҳамин Кодекс пешбинишуда нишон дода шуда, нусхаи он аз рӯзи қабул шуданаш дар ҷойи эълонҳои судӣ ҷойгир карда мешавад. Ҳалномаи ғоибона пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ҷойгир кардани нусхаи таъинот дар ҷойи эълонҳои судӣ ба ҷавобгар таври ошкоро супоридашуда ҳисоб ёфта, пас аз ин бо гузаштани мӯҳлати пешбининамудаи моддаи 242 ҳамин Кодекс эътибори қонунӣ пайдо мекунад.».

Ба моддаи 283 қисми 4 илова гардидааст, ки тибқи он ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ судя дар хусуси ба нашр расонидани эълон дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ дар бораи дар суд оғоз кардани парвандаи гражданӣ дар бораи бедарак ғоибшуда ё дар хусуси фавтида эълон намудани шахс таъинот қабул менамояд. Нусхаи таъинот дар рӯзи дигари пас аз қабул шуданаш барои нашр фиристонида мешавад. Маблағи нашри эълон аз ҳисоби аризадиҳанда пардохта мешавад.

Илова бар ин, ба Кодекси мазкур моддаи нави 427[1] бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи 427[1]. Мӯҳлат ва тартиби баррасии шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Суд шикоятро нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд дар мӯҳлати даҳ рӯз бо иштироки ситонанда, қарздор ва иҷрочии суд баррасӣ мекунад. Ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани шахсони зикргардида, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлиси судӣ огоҳ гардидаанд, барои баррасии шикоят монеа шуда наметавонад. Доир ба натиҷаи баррасии шикоят ҳалнома қабул карда мешавад.».

Инчунин ба як қатор моддаҳои дахлдори Кодекси мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 қабул гардида, аз 7 фасл, 34 бобу 306 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи мубоҳисавӣ, баробарии тарафҳо дар мурофиа, мурофиаҳои судӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасӣ намудани парвандаҳо, инчунин таъмини мутобиқати дохилии меъёрҳои Кодекси зикргардида иборат мебошад.

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 3)

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд



Вобаста ба ин, дар Кодекси мазкур сархати сеюми қисми 3 моддаи 4, қисми 3 моддаи 15, қисми 3 моддаи 116, қисмҳои 5 – 7 моддаи 135, матни моддаи 172, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 236, моддаи 248, инчунин номи боби 33 ва моддаҳои 270 – 285 Кодекси амалкунанда таҳрир ва илова карда шудааст, ки барои такмили мурофиаҳои судӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасию ҳал намудани парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ, аз ҷумла такрор ба такрор баррасӣ накардани парвандаҳо ва такмил додани марҳилаҳои судӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, ба Кодекс моддаҳои нави $297^1$, $297^2$, $300^1$, $300^2$, $300^3$ ва $300^4$ илова карда шуда, тибқи муқаррароти меъёрии онҳо баркарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро, тавзеҳи санади судии суди иқтисодие, ки бояд иҷро карда шавад, ӯҳдадорӣ ва ҳуқуқи судяи суди иқтисодӣ барои боздоштани истеҳсолоти иҷро, инчунин мӯҳлати боздоштан ва қатъ намудани истеҳсолоти иҷро ба танзим дароварда шудааст.

Моддаи 303 Кодекси мазкур ин зайл ифода шудааст:

**«Моддаи 303. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Ситонанда ё қарздор метавонад нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд оид ба иҷрои санадҳои судии суди иқтисодӣ ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо шикоят пешниҳод намояд. Шикоят ба суди иқтисодие, ки дар ҳудуди фаъолияти он иҷрочии суд ӯҳдадориҳои худро анҷом медиҳад, дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи қабули қарор, амал (беамалӣ), рад кардани иҷрои чунин амалҳо ё аз рӯзе, ки ситонанда ё қарздор аз қабули қарор, амал (беамалӣ) ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо аз тарафи иҷрочии суд огоҳӣ ёфтаанд, пешниҳод карда мешавад.».

Ҳамзамон моддаи 304 Кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардида, мувофиқи он шикоятро суди иқтисодӣ нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо дар мӯҳлати даҳ рӯз бо иштироки ситонанда, қарздор ва иҷрочии суд баррасӣ мекунад. Аз ҷумла ба маҷлиси судии суди иқтисодӣ ҳозир нашудани шахсони зикргардида, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судӣ огоҳ гардидаанд, барои баррасии шикоят монеа шуда наметавонад ва вобаста ба натиҷаи баррасии шикоят аз ҷониби суди иқтисодӣ ҳалнома қабул карда мешавад.

Дигар тағйиру иловаҳо, ки ба Кодекси мазкур ворид карда шудааст, хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳририӣ дошта, бо мақсади аз байн бурдани мухолифати меъёрҳои он пешбинӣ шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» соли 2008 қабул гардида, аз 9 бобу 101 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили соҳаи истеҳсолоти иҷро баҳри таъмини иҷрои маҷбурии саривақтии санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомот, аз байн бурдани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин баланд бардоштани вазъи ҳуқуқии иҷрочии суд дар марҳилаи иҷро иборат мебошад.

Бинобар ин, ба қонуни мазкур муқаддима бо мазмуни зерин илова шудааст:

«Қонуни мазкур шарт ва тартиби иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ, санадҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат доранд ба шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ӯҳдадории ба манфиати дигар шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ё ба буҷети дахлдор супоридани маблағҳои пулӣ ва (ё) дигар молу мулк ё ба фоидаи онҳо содир намудани амалҳои муайян (худдорӣ намудан аз содир намудани амалҳои муайян)- ро вогузор намоянд, муқаррар мекунад.».

Инчунин ба қонуни мазкур моддаи $3^1$ илова гардидааст, ки тибқи он минбаъд истеҳсолоти иҷро дар асоси принсипҳои қонуният, сари вақт гузаронидани амалҳои иҷро ва татбиқи чораҳои иҷрои маҷбурӣ, эҳтироми қадр ва номуси шаҳрванд, дахлнопазирии ҳадди ақали молу мулки барои зиндагии шаҳрванди қарздор ва аъзои оилаи ӯ зарур, мутобиқати ҳаҷми талаботи ситонанда ва чораҳои иҷрои маҷбурӣ амалӣ карда мешавад.

Моддаҳои 15, 22, 40 ва 41 қонуни мазкур дар таҳрири нав ифода гардида, мувофиқи онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро, мавқуф гузоштани амали иҷро, рад кардан дар истеҳсолоти иҷро ва шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд ба танзим дароварда шуда, аз ҷумла ҷиҳати мутобиқкунӣ ҷумлаи дуюми қисми 1 моддаи 4, қисми 1 моддаи 28, қисми 4 моддаи 64 ва номи моддаи $98^6$ низ таҳрир карда шудааст.

Ҳамзамон ба қонуни мазкур моддаи $42^1$ бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи $42^1$. Муваққатан маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳангоми бе сабаби узрнок аз ҷониби қарздор ба иҷро нарасонидани талаботи ҳуҷҷати иҷро, ки дар асоси санади судӣ дода шудааст ва ё санади судӣ мебошад, иҷрочии суд дар асоси аризаи ситонанда ва ё бо ташаббуси худ дар хусуси маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул менамояд.

2. Қарор оид ба маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарздор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират, назорати сарҳадӣ ва мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.».

Дигар тағйиру иловаҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳририӣ дошта, ҷиҳати аз байн бурдани мухолифати меъёрҳои қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» соли 2010 қабул гардида, аз 6 бобу 29 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ гардонидани қонуни мазкур ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ» ва «Дар бораи милитсия» иборат мебошад.

Вобаста ба ин, ба қисми 2 моддаи 3, қисмҳои 2 ва 5 моддаи 18 қонуни мазкур пас аз калимаҳои «сардори воҳиди таҳқиқ» калимаҳои «, роҳбари мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» илова карда шудааст. Бо ҳамин мазмун ба сархати сеюми қисми 2 моддаи 24 пас аз калимаҳои «воҳиди таҳқиқ» калимаҳои «, роҳбари мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва пас аз калимаҳои «муфаттиш, ки» калимаҳои «ариза (маълумот) оид ба ҷиноят ё» илова карда шудааст, ки мувофиқи ин иловаҳо мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ барои таъмини амнияти кормандон, маҳфуз доштани амволи онҳо ва дигар иштирокчиён масъул мебошад.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 қабул гардида, аз 23 бобу 226 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ гардонидани қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иборат мебошад.

Бо ин мақсад дар зербанди а) қисми 2 моддаи 123 калимаҳои «ду маоши ҳадди ақали» ба калимаҳои «чор нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шудааст.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 қабул гардида, аз 50 бобу 486 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ гардонидани Кодекси мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иборат мебошад.

Бинобар ин, дар қисми 1 моддаи 109 калимаҳои «аз сесад ҳадди ақалли музди меҳнат» ба калимаҳои «аз шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ва дар қисми 4 моддаи 114 калимаҳои «аз як ҳадди ақалли музди меҳнат» ба калимаҳои «аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шудааст.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) соли 1999 қабул гардида, аз 28 бобу 487 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ гардонидани Кодекси мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иборат мебошад.

Бинобар ин, дар зербанди б) қисми 1 моддаи 186 калимаҳои «музди меҳнати ҳадди ақал на камтар аз даҳ маротиба» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо на камтар аз бист маротиба», дар қисми 2 моддаи 250 калимаҳои «на камтар аз панҷ ҳадди ақал» ба калимаҳои «на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ва дар моддаи 341 калимаҳои «маоши ҳадди ақалли» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шудааст.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 қабул гардида, аз бобҳои 29-56 ва моддаҳои 488-1124 иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ гардонидани Кодекси мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иборат мебошад.

Бо ин мақсад, дар моддаҳои 607, 616, 828, 829, 1102, 1103 ва 1107 тағйирот ворид карда шудааст, ки дар маҷмӯъ калимаҳои «маоши ҳадди ақал» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 1996 қабул гардида, аз 28 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соддагардонии низоми раводид иборат мебошад.

Бо ин мақсад ба моддаи 24 қонуни мазкур қисми дуюм бо мазмуни зерин илова шудааст:

«Тартиби аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон яктарафа ҷорӣ намудани низоми бераводидро бо кишварҳои хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.».

Қисми дуюми моддаи дар боло зикргардида, қисми сеюм ҳисобида шудааст.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» соли 2008 қабул гардида, аз 9 бобу 48 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Саидов Нуриддин Саидович ва вакили Маҷлиси намояндагон Ҳакимов Мироҷиддин Дустмуродович пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, аз байн бурдани мухолифати меъёрҳои қонуни мазкур бо меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иборат мебошад.

Бо мақсади зикршуда ба моддаи 4 қисми 5 бо мазмуни зайл илова шудааст:

«5. Агар дар рафти баррасӣ намудани баҳс аз ҷониби суди ҳакамӣ муносибатҳои ҳуқуқие ошкор гарданд, ки бо тартиби умумии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, баррасии чунин баҳс қатъ карда шуда, ба тарафҳо фаҳмонда мешавад, ки онҳо метавонанд барои ҳалли баҳс ба суд муроҷиат намоянд.».

Инчунин ба қонуни мазкур моддаи $4^1$ **«Моддаи $4^1$. Тобеияти баҳсҳо ба суди ҳакамӣ»** илова шуда, тибқи он суди ҳакамӣ баҳсҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ва иқтисодиро баррасӣ менамояд, ба истисноӣ баҳсҳо дар бораи муқаррар намудани ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқидошта, ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ, оид ба шикоятҳо аз рӯи қарорҳои мақомоти баррасикунандаи парвандаҳои маъмурӣ, муфлисшавӣ, ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонидашуда, аз ҷумла баҳсҳо аз муносибатҳои ҳуқуқии мерос, ҳангоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба миён меоянд, инчунин баҳсҳои марбут ба тартиб ва шартҳои бастани ақди никоҳ ва бекор кардани ақди никоҳ, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкие, ки дар оила байни ҳамсарон, падару модар, фарзандон ва дигар аъзои оила, фарзандхондӣ, васоят ва парасторӣ, ба тарбия қабул кардани кӯдакон ба миён меоянд ва баҳсҳо оид ба басташуда эътироф кардани шартномаҳо, баҳсҳои манзилӣ, марбут ба моликияти зеҳнӣ.

Илова бар ин, моддаи 5 дар таҳрири нав ифода ва моддаҳои $25^1$ ва $31^1$ бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи $25^1$. Мӯҳлати муҳокимаи ҳакамии суди ҳакамӣ**

1. Мӯҳлати муҳокимаи ҳакамии баҳсе, ки ба суди ҳакамии навтаъсис супорида шудааст, набояд аз рӯзи ворид шудани даъво аз даҳ рӯз зиёд бошад.

2. Дар ҳолати истисноӣ, агар аз рӯи парванда экспертиза ё тадқиқоти дигар гузаронидан лозим бошад, суди ҳакамӣ метавонад мӯҳлати баррасии парвандаро ба мӯҳлати гузаронидани экспертиза ё тадқиқоти дигар дароз кунад.

3. Агар мӯҳлати баррасии парванда аз даҳ рӯзи тақвимӣ зиёд бошад, он бо созиши тарафҳо то ҳадди муносиб, вале на бештар аз даҳ рӯзи тақвимӣ дароз карда мешавад.

**Моддаи $31^1$. Созишномаи оштӣ**

1. Тарафҳо дар ҳар марҳилаи муҳокимаи ҳакамӣ то замони аз рӯи моҳияти баҳс қабул кардани ҳалномаи суд созишномаи оштӣ баста метавонанд.

2. Шартҳои созишномаи оштӣ барои ҳар кадом тараф набояд асоратовар бошанд.

3. Созишномаи оштӣ дар шакли хаттӣ аз ҷониби тарафҳо тартиб дода шуда, ба суди ҳакамӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба он тарафҳо имзо мегузоранд. Дар созишномаи оштӣ шартҳои созиш ва оқибатҳои иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешаванд.

4. Суди ҳакамӣ созишномаи оштиро тасдиқ намуда, баррасии парвандаро бо таъиноти худ қатъ мекунад.

5. Суди ҳакамӣ ба тарафҳо оқибати бастани созишномаи оштиро фаҳмонида, аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.».

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

***(Идома дар шумораи оянда)***

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Абдулмаҷид МУРОДОВ,*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*Далер МЕРГАНОВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

# Дар интихоби вакилон ва таъини роҳбарони вазорату идораҳо донистани забони давлатӣ ба эътибор гирифта мешавад

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шурӯъ менамоем. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саймиддинов Додихудо дода мешавад.



**Додихудо САЙМИДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба забони давлатӣ яке аз бахшҳо ва самтҳои муҳими сиёсати миллӣ дар эҳё ва ҳифзи муқаддасоти фарҳангу суннат ва арзишҳои миллӣ дар замони истиқлолият дониста мешавад. Ҳамчун муқаддасоти миллӣ эътироф гардидани забони модарӣ далели дигари бузургдошти забони миллӣ ва ҳифзи мақому мартабаи он дар ҷомеа ва шинохти таъриху фарҳанги миллӣ дар замони бархӯрди тамаддунҳо дар ҷаҳони муосир маҳсуб мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи ҳуқуқии забони давлатӣ ва забонҳои дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи меъёрҳо ва муқаррароти байналмилалӣ муайян карда шудааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш 5 октябри соли 2010 ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ дар иртибот ба донистани забони давлатӣ чунин таъкид фармудаанд: «Ҳар як шахси таҳсилкарда, бахусус роҳбарон ва кормандону мутахассисони ташкилоту муассисаҳо, бояд забони давлатиро хуб донанд ва бо забони адабӣ ба таври озод сӯҳбат карда тавонанд.

Акнун замоне фаро расидааст, ки дар интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вазифа таъин кардани роҳбарони вазорату идораҳо ва ташкилотҳо дар кадом сатҳ донистани забони давлатӣ ба инобат гирифта шавад.».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моддаи 3 қисми 4) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқиро, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, муаззаф сохтааст, то барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон шароит фароҳам оваранд. Яъне, мутобиқи қонуни мазкур давлат барои дар сатҳи зарурӣ омӯхтани забони давлатӣ шароит муҳайё месозад. Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф дар муассисаву ташкилотҳо ва корхонаҳо давраҳои омӯзиши забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Бахри ноил шудан ба ин ҳадаф мутобиқи Нақшаи чорабиниҳо (банди 12) нашри дастурҳои омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ бар асоси усулҳои нави таълим бояд таҷдиди назар карда шавад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба чанде аз санадҳои қонунгузорӣ дар робита ба татбиқи ҳадафҳо ва муқаррароти қонуни мазкур ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иртибот дорад. Дар робита ба иҷрои банди 23 ин Нақшаи чорабиниҳо ҳашт лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузории марбут ба забони давлатӣ ворид карда шуд, ки онҳо аз ҷониби парлумони кишвар таъйид ва 28 июни соли 2011 ба тасвиб расиданд.

Мутобиқи ҳамин банди Нақшаи чорабиниҳо таҳияи се лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» дар иртибот ба донистани забони давлатӣ пешниҳод гардидаанд, ки ҳоло дар баррасии шумо, вакилони мӯҳтарам, қарор доранд.

Дар се лоиҳаи пешниҳодшуда ба қисми дуюми моддаи 28 ва қисми шашуми моддаи 29 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба қисми якуми моддаи 26 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва ба қисми якуми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Ҳадаф аз ворид намудани чунин тағйиру иловаҳо риояи меъёрҳо ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва татбиқи марҳила ба марҳилаи қонуни мазкур дар шароити кунунии рушди муносибатҳо дар ҷомеа мебошад.

Татбиқи ҳамаҷонибаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ, илму маориф ва дигар соҳоти ҳаёти иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ донистани забони давлатиро аз шаҳрвандон, масъулин ва ҳама кормандони мақомоти марбута ҷиддан тақозо дорад.

Чун санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд, зарурати дар сатҳи лозима донистани забони давлатиро барои намояндагони мардумӣ дар мақоми қонунгузории кишвар бо риояи забони меъёр ва сабки махсуси асноди қонунгузорӣ пеш меорад.

Ӯҳдадориҳои шаҳрвандон дар донистани забони давлатӣ аз мафҳуми шаҳрвандии онҳо бармеояд ва ин меъёр дар қонунгузории давлатҳои дигари ҷаҳон низ амалӣ карда мешавад. Меъёри мазкур на танҳо аз шаҳрвандони сокини кишварҳо, балки аз муҳоҷирони меҳнатӣ низ то ҷое талаб карда мешавад. Донистани забони давлатии кишвари иқомат имрӯз яке аз талаботи ҷаҳони муосир мебошад, ки Тоҷикистон дар ин мавзӯъ истисно буда наметавонад.

Тағйиру иловаҳо ба се лоиҳаи пешниҳодшуда, дар иртибот ба донистани забони давлатӣ, аз ҷумла мақомоти қонунгузор дар эҷоди қонунгузории миллӣ ва фаъолияти мактаби парлумонии кишвар нақши муҳим хоҳад дошт.

Лоиҳаҳо бо вазорату кумитаҳо ва мақомоти марбутаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Дар хотима аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мешавад, то лоиҳаҳои мазкурро ба ин чанд санади қонунгузорӣ ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Рабиева Галия дода мешавад.

**Галия РАБИЕВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат! Вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Мақсад ва моҳияти тағйиру иловаи пешниҳодшуда ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар суханронии раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Д.Саймиддинов муфассал шарҳ дода шуданд.

Талаботи донистани забони давлатӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон талаботи қонун мебошад. Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, ки бояд дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ инъикос ёбад. Дар лоиҳаи қонуни конститутсионии пешниҳодшуда ворид намудани тағйиру илова ба ду моддаи қонуни конститутсионии амалкунанда оид ба талаботи умумӣ ба номзадҳо ба узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, яъне дар баробари шаҳрвандӣ, меъёри муқимӣ, синну сол ва таҳсилоти олӣ талаботи донистани забони давлатӣ илова карда мешавад. Ҳамин тавр, қисми дуюми моддаи 28 ва қисми шашуми моддаи 29 дар таҳрири зайл ифода карда мешаванд:



«Вакили Маҷлиси намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад, ки ба синни 25-солагӣ расида, ҳадди ақал панҷ соли охир шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳиби таҳсилоти олӣ буда, забони давлатиро донад.».

«Аъзои Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ва таъйин мешавад, ки ба синни 35-солагӣ расидааст, соҳиби таҳсилоти олӣ буда, забони давлатиро донад ва ҳадди ақал ҳафт соли охир шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.».

Ҳамаи кумитаҳо, бо тартиби муқарраргардида, хулосаҳои худро пешниҳод намуда, лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкурро ҷонибдорӣ карданд. Тибқи хулосаи экспертизаи ҳуқуқии шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни конститутсионии пешниҳодшуда ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Эрод нисбат ба таҳрири қисми 2 лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагон ба инобат гирифта, дар қисми 2 калимаи «Дар» ба калимаи «Ба» иваз карда шуд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба баррасии шумо, вакилони мӯҳтарам, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Самадов Шакарбек Додхоевич дода мешавад.



**Шакарбек САМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Дар моддаи аввал гузоштани масъалаи забони давлатӣ ин яке аз нишонаҳои соҳибихтиёрии давлат мебошад, бинобар ин лоиҳаи қонуни мазкур асосан ба моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ карда шудааст, ки дар он гуфта мешавад: «Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, забони давлатиро донад.».

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани муқаррароти меъёрҳои қонуни мазкур зарурияти ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»-ро ба миён овардааст. Тибқи лоиҳа ба моддаи 26-уми Қонуни амалкунанда «Талабот аз номзадҳо ба вакилӣ» калимаҳои «забони давлатиро донад ва» илова шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани хулоса ба кумитаи мо, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд, ки ҳамаи онҳо лоиҳаи қонуни баррасишавандаро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Авзалшоева Бибидавлат Аскаршоевна дода мешавад.



**Бибидавлат АВЗАЛШОЕВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ намудани қонуни мазкур ба талаботи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва пешниҳод шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур илова ба қисми 1 моддаи 36 талабот нисбати номзадҳо ба вакили Ҷамоат, яъне донистани забони давлатӣ илова гардида, дар таҳрири зайл ифода карда мешавад: «Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 18 кам набошад ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор на камтар аз 3 соли охир истиқомат дошта бошад ва забони давлатиро донад, метавонад номзад ба вакили Ҷамоат пешбарӣ шавад».

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2012 таҳти №1303 барои омода намудани хулоса ба Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои такмил ва пуррагардонии он Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 таклиф пешниҳод намуданд. Аз таклифҳои пешниҳодшуда 4-тояш кабул ва яктояш қисман қабул гардид.

Дар ҷаласаи кумитаи масъул 5 июни соли 2012 лоиҳаи қонуни мазкур ҷонибдорӣ ёфт.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бинобар ин, аз вакилони мӯҳтарам хоҳиш менамоем, ки ба тарафдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва Вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» пешниҳод гардидааст.

Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи беҳдошти саломатии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, инчунин ҷиҳати аз тамоми пардохтҳои андозию гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизоту технологияҳои муосир вазифа ва супоришҳои мушаххас гузоштаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ин вазифаву супоришҳо тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст.

Аз ҷумла айни ҳол аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иваз намудани таҷҳизоти кӯҳна бо таҷҳизоти ҳозиразамон, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ташхиси саривақтии тиббӣ ва пешгирии беморӣ гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ барои сокинони шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоби вилояти Хатлон ворид намудани ду адад дастгоҳи томографи компютериро ба маблағи зиёда аз 5 млн. сомонӣ пешниҳод намуданд. Воридоти дастгоҳҳои мазкур имкон медиҳад, ки сокинони калонтарин вилояти ҷумҳурӣ-вилояти Хатлон барои гузаштани ташхиси томографии компютерӣ ба маркази ҷумҳурӣ нарафта, дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб аз онҳо истифода баранд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки чунин дархост аз тарафи шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли 2012» низ баён гардида буд. Айни ҳол чунин таҷҳизот дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд мавриди истифода қарор дорад.

Ҳамчунин Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонии телефонҳои хонагӣ ва насби онҳо ба аҳолии камбизоат тасмим гирифтааст, ки як миллион адад дастгоҳҳои телефониро ба маблағи 66,6 млн. сомонӣ ворид намуда, зиёда аз 250 ҳазор оилаҳои камбизоат ва эҳтиёҷмандони дигари ҷумҳуриро бо телефонҳои хонагӣ ройгон таъмин намояд.



Воридоти дастгоҳҳои мазкур имкон медиҳад, ки дастрасии оилаҳои камбизоат ва дигар шахсони эҳтиёҷманди ҷумҳурӣ ба алоқаи телефонии хонагӣ таъмин карда шавад.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доштани масъалаҳои зикргардидаро ба инобат гирифта, оид ба озод намудани воридоти таҷҳизот ва техникаҳои зикргардида аз пардохтҳои гумрукӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»-ро ба баррасии шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, пешниҳод намудааст.

Бояд зикр кард, ки ҳангоми додани имтиёзҳои андозӣ барои воридоти ду адад дастгоҳи томографи компютерӣ маблағи озодшавӣ аз пардохтҳои гумрукӣ 1,2 млн. сомонӣ ва дастгоҳҳои телефони хонагӣ 15,9 млн. сомонӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда 13,5 млн. сомонӣ ва боҷи гумрукӣ 3,6 млн. сомониро ташкил менамояд.

Инчунин бо мақсади сари вақт ба итмом расонидани сохтмони Театри миллӣ ва Қасри миллат, ки барои дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ нигаронида шудааст, озод намудани иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгарон ва пудратчиёни асосӣ дар ин иншоот аз пардохти баъзе аз намуди андозҳо (андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андози ҳадди ақал аз даромадҳо) ба баррасии шумо пешниҳод шудааст.

Аз ин лиҳоз, аз шумо мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гулов Сафаралӣ дода мешавад.



**Сафаралӣ ГУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 2012 таҳти №251 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро бо қарори худ аз 4 июни соли 2012 таҳти №1296 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Пешниҳод мегардад, ки ба қонуни мазкур иловаҳо, аз ҷумла иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- воридоти ду адад дастгоҳи томографии компютерӣ барои эҳтиёҷоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- як миллион адад дастгоҳҳои телефонӣ барои эҳтиёҷоти аҳолии камбизоат аз тарафи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд;
- инчунин иҷрои кору хизматрасонии фармоишгарон ва пудратчиёни асосии иншооти сохтмони Театри миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қасри миллат аз андоз аз арзиши иловашуда ва дигар намудҳои андоз озод карда мешаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ҷонибдорӣ намуда, 3 таклиф пешниҳод намуданд.

Дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 6 июни соли 2012 таклифҳои воридшуда оид ба лоиҳаи қонуни зикргардида бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз 3 таклифу пешниҳодҳо 2-тоаш қабул шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, вакилони мӯҳтарам!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ду субъект – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсади асосии лоиҳаи пешниҳодгардида аз байн бурдани номутобиқатии дохилии Кодекс, мувофиқ намудани меъёрҳои он ба қонунҳои навқабулкардашуда ва такмили низоми мавҷудаи масъулият барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҷудогона мебошад.

Амалияи татбиқи меъёрҳои моддаҳои 502, 503 ва 505 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит намуд, ки на ҳамаи субъектоне, ки ба фаъолияти меъёрэҷодкунӣ ҷалб карда шудаанд, масъулият барои иҷро накардани талаботи қонунро доранд. Санксияҳои моддаҳои 502, 503 ва 505 ҷавобгариро нисбати шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ наменамояд.

Тибқи моддаи 31-уми Кодекси мазкур шахси ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар моддаҳои дахлдори қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Бо вуҷуди ин санҷишҳои аз ҷониби Вазорати адлия гузаронидашуда, ки бевосита ба моддаҳои мазкур алоқаманданд, нишон медиҳанд, ки кирдорҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар самти бақайдгирӣ, дар амал татбиқ намудан ва нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ одатан аз ҷониби шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ содир карда мешаванд.



Кирдорҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ содир карда мешаванд, дар аксар ҳолатҳо, бинобар дар санксияҳои моддаҳои зикргардида пешбинӣ нагардиданашон, бе ҷавобгарӣ мемонанд.

Ҳамзамон аз мазмуни моддаҳои номбаршуда бармеояд, ки иҷрои талаботи муқарраргардидаи онҳо бевосита аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад.

Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки дар баробари ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор, ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ низ пешбинӣ карда шавад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Амиршоева Саодат дода мешавад.

**Саодат АМИРШОЕВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**



Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мешавад.

Кумитаи масъул тибқи талаботи банди 302 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим шуморид, ки лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Амиршоева (бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2012 таҳти №1064) ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2012 таҳти №1304) пешниҳод шудаанд, муттаҳид карда, ҳамчун лоиҳаи ягонаи қонун баррасӣ намояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили меъёрҳои Кодекси мазкур, мутобиқатии дохилии меъёрҳои он, ҳамчунин мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

(Идома дар саҳ. 6)

# Дар интихоби вакилон ва таъини роҳбарони вазорату идораҳо донистани забони давлатӣ ба эътибор гирифта мешавад

(Идома аз саҳ. 1, 5)

Тибқи меъёрҳои қисмҳои 1, 2, 13 ва 14-уми лоиҳаи пешниҳодгардида матни моддаҳои 11, 12, 547 ва 548 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати услуби баён ва ҳамзамон мутобиқатии дохилии меъёрҳои онҳо низ мавриди таҳрир қарор дода шуданд.

Мувофиқи талаботи қисми 4 санксияи моддаи 382 Кодекс, ки ҷавобгариро барои риоя накардани қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармӣ пешбинӣ менамояд, ба ҳам мутобиқ карда шуданд.

Тибқи талаботи қисмҳои 5, 6, 7, 8 ва 9-уми лоиҳа бо мақсади пешгирӣ намудани ғайриқонунӣ ба даст овардан, нигоҳ доштан, гирифта гаштан, ба шахсони дигар додан ва фурӯши тапончаҳои пневматикӣ ва тирҳои он ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба моддаҳои 488, 489, 490, 491 ва 492 Кодекси амалкунанда пешбинӣ карда мешавад.

Ҳамзамон мутобиқи талаботи қисмҳои 10, 11 ва 12-уми лоиҳа бо мақсади таъмини дурусти татбиқи меъёрҳои моддаҳои 502, 503 ва 505 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалия, дар баробари ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор барои риоя накардани тартиби баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ ва мураттабсозӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амал татбиқ намудан ва интишори онҳо нисбати шахсони ҳуқуқӣ низ ҷавобгарӣ пешбинӣ карда мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи масъул 51 таклиф ворид гардид ва аз онҳо 28 таклиф пурра, 22 таклиф қисман қабул гардид.

Кумитаи масъул боназардошти мулоҳизоти иштирокчиёни ҷаласа, ба хулоса омад, ки лоиҳаи қонуни мазкур, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои қабулгардида, ҷонибдорӣ карда шавад.

Дар маҷмӯъ, лоиҳаи қонун аз 14 қисм иборат буда, дар он ба 35 моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани тағйиру иловаҳо дар назар дошта шудааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2012 таҳти №1305 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи



Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ҳалли мушкилоти ҷойдошта вобаста ба нигоҳ доштан ва несту нобуд кардани далели шайъӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ворид кардани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 79, 80 ва 185 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст, ки тартиби гирифтан ва нигоҳ доштани далелҳои шайъиро ба танзим медароранд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро пурра ҷонибдорӣ ва ҷиҳати такмили он 12 таклиф пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул 6 июни соли 2012 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва иштироки кормандони масъули Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ гузаронида, пешниҳодҳои воридшударо баррасӣ ва ҳамаи онҳоро пурра ё қисман қабул карда, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳа ворид карда шуданд. Дар натиҷа, лоиҳаи қонун аз ҷиҳати забонӣ ва имлоӣ такмил ёфта, барои дар амал татбиқ гардидани он мусоидат хоҳад кард, аз ҷумла:

1. Калимаҳои «мавриде, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ шудааст» ба калимаҳои «мавридҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 185 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд» иваз карда шуданд.

2. Қисми 3 лоиҳа дар таҳрири нав ифода карда шуд.

Бо қабули қонуни мазкур оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ба миқдори калон ва махсусан калон дар ҳолатҳои муайян карда нашудани шахсе, ки бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад ва дар ҳолати айбдоршаванда аз тафтишот ё суд пинҳон будан ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши он муайян накарда шудааст, аз ҳаҷми умумии далелҳои шайъӣ барои ҳамроҳ намудан ба парвандаи ҷиноятӣ намунаҳо мутаносибан ба андозаи на камтар аз ҳадди ибтидоии миқдори калон ва махсусан калони воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ҷудо карда гирифта мешаванд ва қисми боқимонда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд карда мешавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳишмандам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Қаракулов Амир Буриевич дода мешавад.



**Амир ҚАРАҚУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуни мавриди муҳокимабуда қабл аз ҳама яке аз мушкилоти ниҳоят паҳлудор ва манфиатрасони соҳаи кишоварзӣ- захираҳои генетикиро дар бар мегирад.

Феълан барои ҳар мамлакат омода сохтани заминаи арзандаи иҷтимоӣ, бахусус маводи ғизоӣ, аз муҷиботу муқаддамоти давлатдорӣ ва нишоти ватандорӣ ба шумор меравад. Он ҳамчун бехатарии озуқаворunion кишвар дониста мешавад.

То ба ҳамин давр дар дунё теъдоди нафарони гирифтори гуруснагибуда ба як миллиард мерасид. Ҳоло Созмони байналмилалии озуқаворӣ ба соли 2030 то 5 маротиб зиёдшавиро пешгӯйӣ дорад.

Шояд аз ин сабаб дар ҷаҳони имрӯза озуқаворӣ ҳар чӣ бештар ба василаи фишори сиёсӣ, муҷозот, тазъиқ ва мутеъсозии давлату миллатҳо чун аслиҳаи пурқудрат истифода бурда мешавад.

Дар арсаи олам барои таъмини мунтазами талаботи парварзиши як фард ба ҳисоби миёна одатан истеҳсоли як тонна ғалладона эквивалент ҳисобида мешавад. Шукрона, ки мо ҳоло қариб ба 8 млн. нафар расидаем.

Тибқи таҳлилу маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи таъмини бозори истеъмолӣ бо истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ дар сатҳи 40 дар сад қарор дошта, боқимонда аз ҳисоби воридот мебошад.

Тайи солҳои 2010-2011 ба ҷумҳурӣ бо арзиши 421,7 млн. доллари амрикоӣ орду гандум ворид карда шуд.

Маврид ба таъкид аст, ки дар давоми танҳо як соли охир нархи онҳо дар бозори ҷаҳонӣ мувофиқан 33,0-35,2 дар сад афзун гардиданд.

Мурод аз зикри чунин андеша дарёфт ва истифодаи босамари манбаъҳои биологии генетикии набототи корам дар рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Боиси қаноатмандии мост, ки маҳз бо огаҳии комил ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 29 декабри соли 2006 таҳти №791 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин бахш қабул гардида буд.

Дар ҳайати Академияи илмҳои кишоварзӣ Маркази миллии ҷумҳуриявии хазинаи генетикии набототи корам таъсис дода шуд.

Дар ин муддат аз 5635 намуд навъҳои дар тавзеҳнома баёнгардида 1646-тои онҳо барои аз байн нарафтан ва дар бонки ҷумҳуриявии генетикӣ ба тозагӣ нигоҳ доштан моҳирона гулчин карда шуданд.

Бо ташаббуси Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон намунаҳо дар марказҳои умумиҷаҳонӣ дар Россия, Шветсия ва Норвегия воқеъбуда ворид гардиданд.

Барои истифодаи минбаъда ҳамчун сарвати миллии мо то ба муддати 80-100 сол онҳо дар ин маъхазҳо маҳфуз ва нигоҳдорӣ мешаванд.

Воқеан, дар ин самт мо ҳоло қадамҳои аввалин гузоштаем.

Аз ин ҷо бо истифода аз сиёсати дарҳои кушод ва пайвастан ба илму истеҳсолоти байналмилалӣ мо бояд заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам созем. Зеро баъди пурра ҷамъоварӣ ва дар бонки ҷумҳуриявии захираҳои генетикӣ зам ва ворид намудани дони намуду навъҳои зироатҳои боқимонда мо бояд ба бунёди хазинаи гербарӣ-баргу хӯшаи онҳо шурӯъ намоем.

Инчунин дар ояндаи наздик захира намудани гарди ғунчагули дарахтони мевадиҳанда, сабзавот ва бехмеваҳоро низ мавриди ҳадаф қарор диҳем.

Дар ниҳоят, барои ҳамкории муваффақона бо давлатҳо ва марказҳои умумиҷаҳонии илмию истеҳсолӣ дар доираи тадқиқотҳои генетикаи олии молекулярӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд неруманду саҳми бештаре дошта бошад.

Бо мутобиқат ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун, аз нигоҳи мо, маҳз бо ҳамин ниятҳо-ноилшавӣ ба навгониҳо ва тавоноии хазинаи миллии ирсии набототи соҳаи кишоварзӣ таҳия шудааст.

Бо итминон метавон изҳор намуд, ки қабули қонун таъсири манфии омилҳои берунаро дар ин раванд бозмедорад. Тадбирҳои модернизатсияи иқтисодиёт, рушди соҳа ва саъю кӯшиши таъмини бехатарии озуқавориро босубот мегардонад.

Умед дорем, ки лоиҳаи қонуни мазкур қобили қабули шумо, вакилони арҷманд мегардад.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимов Қосим Раҳбарович дода мешавад.

**Қосим ҚОСИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Солҳои охир аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ як қатор қонунҳо қабул гардиданд, ки барои рушди соҳа мусоидат менамоянд.

Ҳанӯз дар ибтидои қарни гузашта академик Вавилов Николай Иванович Осиёи Миёнаро яке аз марказҳои асосии пайдоиши зироатҳои ғизоӣ, аз он ҷумла зироатҳои ғалладонагию лӯбиёгӣ ба қайд гирифта буд. Тайи ҳазорсолаҳо мардуми ин минтақа навъу намуди зироатҳоеро рӯёнидаву парвариш намудаанд, ки онҳо имрӯз фонди генетикии миллати тоҷикро ташкил намуда, арзишашон қиёснашаванда мебошад. Бахусус аҳамияти онҳо дар пеш бурдани корҳои селексионӣ, рӯёнидани навъу намудҳои нави зироатҳо, тухмипарварӣ ва такмил додани хусусиятҳои ирсиву маҳсулнокии онҳо аҳамияти калон дорад.

Аз ин рӯ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам», ки бо мақсади қабул намудани он барои муҳокима ва баррасӣ пешниҳод гаштааст, сариваҳтӣ ва хеле муҳим аст.



Қабули қонуни мазкур, имконият медиҳад, ки дар фонди захираҳои генетикии набототи корам ва ҳамавлоди худрӯйи онҳо дар сатҳи давлатӣ ҳифз карда шавад.

Ҳифзи фонди генетикии мазкур имконият медиҳад, ки дар асоси он соҳаи растанипарварӣ рушд ёфта, амнияти озуқавории мамлакат беҳтар гардад. Захираҳои генетикии мазкур дар як маврид дар арсаи байналмилалӣ боигарии миллатро муаррифӣ менамояд.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №791 аз 29 декабри соли 2006 дар ҳайати Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон «Маркази миллии ҷумҳуриявии захираҳои генетикӣ» таъсис дода шуд. Дар ин муддат дар Маркази мазкур 6445 тухмии навъу намунаи зироатҳои маҳаллӣ, 245 намунаи тухмии навъу намунаи ҳамавлоди ёбоии зироатҳои кишоварзӣ, 15 навъи селексияи ватанӣ ҷамъ оварда шудааст. Ҳамзамон 1022 навъу намунаи гандум ва 624 навъу намунаи ҷави маҳаллӣ аз захирагоҳи Марказ ба захирагоҳи Маркази байналмилалии Қутби Шимол, ки дар Норвегия воқеъ аст, барои ба муддати садсолаҳо нигоҳдорӣ намудан фиристонида шудааст.

Қабули қонуни мазкур ҳамчунин барои ҳимояи навъу намуна ва анвои растаниҳои худрӯй, ки аҳамияти гиёҳдармониву табобатӣ ва экологӣ доранд, асоси ҳуқуқиро таъмин намуда, барои фаъолияти самараноки Маркази миллии ҷумҳуриявии захираҳои генетикӣ асос мегузорад.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Латипов Рустам Баротович дода мешавад.



**Рустам ЛАТИПОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ, Б.Х. Қурбонов, С.А. Муқумова, А.Т. Маҳмадалиев, А.Б. Қаракулов ва Ҳ.А. Одинаев пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2011 таҳти № 919 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Дар натиҷаи баррасии лоиҳаи қонуни мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид масъалаҳои аграрӣ ва экология, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба лоиҳаи қонуни мазкур дар маҷмӯъ 271 таклиф пешниҳод гардид, ки аз онҳо 170 таклиф қабул, 51 таклиф қисман қабул ва 50 таклиф қабул карда нашуданд. Ҳамаи таклифу пешниҳодот бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ С.А. Шоназаров, мутахассисон ва олимони Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 май дар ҷаласаи Кумита ва 30 май дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул муҳокима гардида, дар асоси онҳо лоиҳаи қонуни мазкур таҳриру такмил дода шуд.

Таклифу пешниҳодот аслан ба мувофиқа сохтани матнҳои забони тоҷикӣ ва русӣ, таҳрири номи лоиҳа ва вобаста ба ин ворид намудани тағйироти дахлдор ба моддаҳо, мутобиқ сохтани мафҳумҳо ва моддаҳо ба қонунгузории амалкунанда, ҳамчунин муқаррароти алоҳида оид ба танзими муносибатҳо дар соҳаи захираҳои генетикии набототи корам дахл доштанд. Аз моддаи 1 лоиҳаи қонуни мазкур мафҳумҳои «захираҳои генетикӣ» ва «баргардонидани захираҳои генетикии набототи корам» бо сабаби зарурат надоштан ва истифода нагаштан дар матни лоиҳа аз матни модда хориҷ ва мафҳумҳои «гуногунии биологӣ», «ҳамавлоди худрӯйи набототи корам», «эрозияи генетикӣ» ва «коллексияҳои миллии базавӣ» таҳрир шуданд.

Дар асоси хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 12 «Сохтори низоми давлатӣ дар соҳаи нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» ва моддаи 10. «Барномаҳои давлатӣ» аз лоиҳа хориҷ ва вобаста ба ин дар моддаи 7 «Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии захираҳои генетикии набототи корам» сарҳатҳои алоҳида бо матни зерин ворид карда шуданд:

«- мақомоти ваколатдори давлатиро дар соҳаи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии захираҳои генетикии набототи корам (минбаъд – мақомоти ваколатдори давлатӣ) ва ваколатҳои онҳоро муайян менамояд;» ва

«- барномаҳои давлатиро дар соҳаи захираҳои генетикии набототи корам қабул ва иҷрои онҳоро таъмин менамояд».

Матнҳои моддаҳои 1, 4, 5, 18, 20, 21 ва 22 -и лоиҳа, бо нарзардошти хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мутобиқ сохтан ба муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи бехатарии биологӣ» таҳрир шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираҳои генетикии набототи корам ва ҳамавлодони худрӯйи онҳо ва танзими муносибатҳо вобаста ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва истифодабарии оқилонаи онҳо бо мақсадҳои пешбурди соҳаи кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, экологӣ ва биологӣ, амалӣ намудани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, селексионӣ, таҳсилотӣ, инчунин таъмини нигоҳдории мероси иҷтимоию фарҳангӣ ва таърихӣ барои манфиатҳои наслҳои имрӯзу оянда таҳия шудааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» аз 6 боб ва 23 модда иборат буда, ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Қабули қонуни мазкур аз буҷети ҷумҳурӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд.

Аз вакилони мӯҳтарам хоҳишмандам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳанд.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб муҳокима шуда, яклухт ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» сухан ба муовини вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллоев Заробиддин Қудратович дода мешавад.

**Заробиддин ФАЙЗУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ҷиҳати суръат бахшидан ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) таҳия гардидааст.



Тағйирот ба банди 2-и қисми 2-и моддаи 9-и қонуни мазкур аз байн бурдани квотаи кормандони маҳаллӣ-шаҳрвандони Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд.

Ёдовар мешавам, ки тибқи муқаррароти матни амалкунандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ҷалби на камтар аз 70 фоизи шумораи кормандони ба иҷрои корҳои тибқи Созишнома ҷалбшуда аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон пешбинӣ шуда, ба Созишномаи генералӣ оид ба тарофа ва савдо мухолифат дорад.

Ворид намудани тағйироти пешниҳодгардида бошад, аз як тараф барои аз байн бурдани квотаи кормандони маҳаллӣ – шаҳрвандони Тоҷикистон ва иҷрои шартҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва аз ҷониби дигар барои нигоҳ доштани таносуби барои Тоҷикистон муфиди истифодаи қувваи кории худӣ, бо матни «ҷалб кардани кормандон- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ барои иҷрои корҳо тибқи Созишнома» мусоидат хоҳад кард.

Агар аз рӯйи матни амалкунандаи қонун истифодаи на камтар аз 70 фоизи шумораи умумии кормандони ба иҷрои корҳои тибқи Созишнома ҷалбшуда аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад, пас дар асоси Созишнома тарафи Тоҷикистон метавонад, шумораи аз ин ҳам бештари шаҳрвандони Тоҷикистонро ба иҷрои корҳо, тибқи Созишнома, ҷалб намояд. Яъне, аз ворид намудани тағйироти пешниҳодгардида бозори меҳнати Тоҷикистон зарар намебинад.

Бо назардошти ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, ҷонибдорӣ намудани лоиҳаи пешниҳодшударо эҳтиромона хоҳиш менамоям.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Катаев Амир Ҳабибович дода мешавад.



**Амир КАТАЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2012 таҳти №1298 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Мақсади асосии ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» барои аз байн бурдани низоми миллӣ, ки дар моддаи 3-и Созишномаҳои Кулл оид ба тарофа ва савдо оварда шудааст, яъне баробарҳуқуқии кормандони ба кор ҷалбшаванда ва яке аз принсипҳои асосии созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба шумор меравад, мебошад.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»-ро дастгирӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»-ро, бо назардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасӣ пешниҳод намуда, дастгирии шумо, вакилони мӯҳтарамро, хоҳиш менамоем.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1788/1-806 | Маркази миллии дар тиббӣ ш.Душанбе | Ятимов.Ч. 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 77 | 26.06.2012 соати $09^{30}$ |
| 1789/1-807 | Маркази миллии дар тиббӣ ш.Душанбе | Ятимов.Ч. 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгуй | 4 | 26.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1790/1-808 | Маркази миллии дар тиббӣ ш.Душанбе | Ятимов.Ч. 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгуй | 6 | 26.06.2012 соати $11^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқarrаргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» хатсайри нави Хуҷанд – Бишкек – Хуҷандро ифтитоҳ менамояд



Парвозҳо дар хатсайри нав ҳафтае як маротиба рӯзҳои душанбе тавассути ҳавопаймои Боинг 737-500 сурат мегиранд. Вақти парвоз аз фурудгоҳи Хуҷанд соати $11^{00}$ муқаррар гардида, давомнокии парвоз як соатро ташкил медиҳад. Арзиши чипта - 130 евро. Парвози нахустин дар хатсайри Хуҷанд - Бишкек - Хуҷанд санаи 11-уми июн роҳандозӣ мешавад.

Аз фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ҶСК «Тоҷик Эйр» айни замон ба самти Москва, Новосибирск, Санкт-Петербург ва Алма-ато парвозҳо анҷом медиҳад.





## УРОЛИЗИН хурӯшаҳо



**Дар гурда барои қуму намак ҷой нест!**

Уролизин бо усули аврупоӣ ва умумиҷаҳонӣ тайёр шудааст, гиёҳҳои навчидаи онро начӯшонида бо тарзи таротар (холодное прессование) зуд бо технологияҳои ҳозиразамон гузаронида, сипас қиёми онро мехушконанд.

Шафоати **УРОЛИЗИН** ба ҳама намуди бемориҳои гурда ва пешобдон таъсирбахш аст.

Кори системаи пешоббарорро беҳ мегардонад ва хунукии сахти гурдаро аз байн мебарад.

Таъсири зиддиилтиҳобӣ дорад, талхарон ва пешоброн аст, қабзиятҳоро (спазмҳоро) рафъ мекунад.

**Омилҳо барои истифода:**

Табобати комплексии пиелонефрити бардавом; холетсистити бардавом; гипертензияи артериалӣ;

Дар табобати диатези туршпешоб (мочекислый) ва санги пешобдон бисёр натиҷаовар аст ва инчунин натиҷаҳои беҳтаринро - «Уролизин» ҳангоми табобати оксалурия, фосфатурия ва сангҳои то 1 см нишон медиҳад.

Истифодаи «Уролизин» якчанд маротиб фоизи баромадани қуму намакҳоро зиёд мекунад. (Давомнокии табобат аз таркиби намакҳо, шакл, андоза ва ҷойгирии қуму сангҳои хурд вобаста аст).

Вайроншавии мубодилаи моддаҳо (фарбеҳӣ);

Пешгирии аз нав пайдошавии сангҳо баъди баровардани онҳо (бо роҳи ҷарроҳӣ ё бо таъсири мавҷҳо);

Нафароне, ки аз варамкунии рӯй, пойҳо, дастон азият мекашанд, бешубҳа ба қадри ин давои нодир хоҳанд расид.

**Ба номгӯи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст**

**Таркибаш:** ҷавҳари 8 буттамеваю гиёҳҳои табиӣ ва глюкоза, ки аз витаминҳои зиёде мавҷуданд. Ҳангоми диабети қанд, ҳомилагӣ истифодаи «Уролизин» номақбул аст. Бар зидди сангҳои калони гурда ва талхадон боэҳтиёт истифода бурда шавад.

**Истеъмол:** муддати як моҳ як қошуқчагӣ, се маротиба дар як рӯз.

Рақами қайд №001558. **Аз дорухонаҳо пурсон шавед. Телефон барои маълумот: 985-10-55-05**

## "БАЮ-БАЙ" - Хоби ширин, хурдтаракон

***(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)***



"Баю-Бай"-маҳсулоти навоваронаву нодир буда, дар асоси технологияҳои баланд истеҳсол шудааст ва дар Россия бемисл аст. Беҳуда нест, ки дар давлатҳои Россияву Аврупо харид ба талаботи ин маҳсулот барои кӯдакон дар ҷойи аввал меистад.

"Баю-Бай" ба камшавии вақти хоббарӣ ва шумори бедоршавиҳои шабона мусоидат намуда, ҷиҳатҳои муҳимтарини хобро ба меъёр меорад.

Ба фаъолшавии равандҳои хотира ва ақлонӣ мусоидат намуда, азхудкунӣ ва омӯзишро ба ин тариқ беҳтар месозад.

Хоболудии рӯзонаро ба вуҷуд намеорад, фаъолнокӣ ва қобилияти кориро зиёд мекунад.

Амали якҷояи унсурҳои растанигӣ, таъсири нарми оромибахш расонида, ба инкишофи стресс монеа мешавад,

Маҳсулоти "Баю-Бай" дар таркибашон спирт ва қанд надоранд ва безарар ҳастанд.

**Тарзи истеъмол:** барои кӯдакони аз 3-сола боло 10-20-чакрагӣ ё 1-2 ҳаб рӯзе 3 маротиба дар вақти хӯрокхӯрӣ. Давраи истеъмол то1 моҳ.

Шишача 50 мл. бо чакрарез ё 60 дона ҳаб (таблетка)- и 0,5-грамма барои макидан.

**Телефон барои маълумот: 985-10-55-05 ва 918-47-93-93. Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**


## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 11 июли соли 2012 музоядаи №16-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Бинои мағоза бо паҳлусохтмони ҶСК «Сирандуд» | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи №3, минтақаи саноатӣ | 40 000 |
| 2. | Бинои чойхонаи ҶСК «Панҷ-Кӯл» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 20 000 |
| 3. | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Панҷ-Кӯл» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 5 000 |
| 4. | Бинои клуби ҶСК «Панҷ-Кӯл» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 30 000 |
| 5. | Бинои мағозаи нони ҶСК «Заводи хишти Панҷакент» | шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан, деҳаи Қӯштеппа | 10 000 |
| 6. | Бинои клуб-ошхонаи ҶСК «Хуҷандатлас» | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17 | 134 000 |
| 7. | Бинои ошхонаи ҶСК «Соҳибкор» | ноҳияи Ҳисор, хоҷагии Калинин, кӯчаи Комсомол | 10 000 |
| 8. | Чойхонаи ҶСК «С. Исоев» | ноҳияи Ҷ. Румӣ, шаҳраки С. Исоев, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 9. | Чойхонаи ҶСК «С. Исоев» | ноҳияи Ҷ. Румӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод | 15 000 |
| 10. | Павилон-ошхонаи ҶСК «Сомғор» | ноҳияи Б. Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов | 30 000 |
| 11. | Анбори ҶСК «МНА-52» | шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 12. | Бинои ошхонаи ҶСК «Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | 10 000 |
| 13. | Бинои чойхонаи ҶСК «Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | 80 000 |
| 14. | Бинои ошхонаи ҶСК «Спец -АТП – 1» | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Дарёобод | 25 000 |
| 15. | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ. Расулов, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 16. | Бозорчаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ. Расулов, кӯчаи Советӣ 1 | 50 000 |
| 17. | Бинои ошхонаи ҶСК «Қосимҷон» | ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Айнӣ-1 | 3 000 |
| 18. | Бинои ошхонаи ҶСК «Бахтиёр» | ноҳияи Бохтар, кӯчаи Ҳақназари Кабуд | 30 000 |
| 19. | Бинои чойхонаи ҶСК «Шарбат» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 2 | 50 000 |
| 20. | Бинои ошхонаи ҶСК «Кимиёрӯзгор» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 205 | 30 000 |
| 21. | Бинои чойхона-ошхонаи ҶСК «Темурмалик» | шаҳри Қайроққум, кӯчаи Ленин 10 | 30 000 |
| 22. | Бинои чойхонаи ҶСК «Темурмалик» | шаҳри Қайроққум, кӯчаи Ленин 10 | 40 000 |
| 23. | Бинои ошхонаи ҶСК «Паррандапарвар-2» | ноҳияи Ҷ. Расулов, деҳаи Деҳмой | 30 000 |
| 24. | Бинои чойхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Н. Хусрав, хонаи 6 | 30 000 |
| 25. | Бинои мағозаи ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи К. Маркс 112 | 15 000 |
| 26. | Бинои ошхонаи ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи К.Маркс 112 | 30 000 |
| 27. | Бинои ҳаммоми (сауна) ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Худойбердиев 3 | 40 000 |
| 28. | Бинои ошхонаи ҶСК «Мостоспецстрой» | ноҳияи Рашт, деҳаи Сари Пул | 5 000 |
| 29. | Бинои чойхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Носири Хусрав, хонаи 7 | 30 000 |
| 30. | Бинои меҳмонхонаи ҶСК «Носири Хусрав» | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Э. Ниёзов | 50 000 |
| 31. | Бинои қаҳвахонаи ҶСК «Шарбат» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 2 | 70 000 |
| 32. | Бинои ошхонаи ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 30 000 |
| 33. | Бинои ҳаммоми ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 40 000 |
| 34. | Бинои ошхонаи ҶСК «Сайҳун» | шаҳри Конибодом, шаҳраки Калинин | 50 000 |
| 35. | Бинои хонаи истироҳатии ронандагони ҶСК «Сайҳун» | шаҳри Конибодом, шаҳраки Калинин | 100 000 |
| 36. | Ҳавзи сӯхторхомӯшкунии ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 5 000 |
| 37. | Бинои ҳаммоми ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 30 000 |
| 38. | Иншооти зиддисӯхтории ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 3 000 |
| 39. | Гӯшаи сурхи ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 10 000 |
| 40. | Вагон-хонаи ҶСК «Нафис» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев 133 | 3 000 |
| 41. | Бинои мағозаи ҶСК «АТП-35» | шаҳри Исфара, кӯчаи Ленин 9 | 15 000 |
| 42. | Бинои ошхонаи ҶСК «Авторем» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218 | 150 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-846, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 161, телефон 5-40-33, ш. Қурғонтеппа, кӯчаи Борбад 1, ҳуҷраи 46, телефон 917-54-65-65.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-846, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 161, телефон 5-40-33, ш. Қурғонтеппа, кӯчаи Борбад 1, ҳуҷраи 46, телефон 917-54-65-65,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

### 11 июля 2012 года проводит аукцион №16 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1. | Здание магазина с пристройкой ОАО «Сирандуд» | город Худжанд, 3-й микр. промзона | 40 000 |
| 2. | Здание столовой ОАО «Панч-Кул» | город Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 20 000 |
| 3. | Здание лепешечной ОАО «Панч-Кул» | город Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 5 000 |
| 4. | Здание клуба ОАО «Панч – Кул» | город Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 30 000 |
| 5. | Здание хлебного магазина ОАО «Заводи хишти Панҷакент» | город Пенджикент, Сельский джамоат Халифа Хасан, село Куштеппа | 10 000 |
| 6. | Здание клуба – столовой ОАО «Хуҷандатлас» | город Худжанд, 17-й микрорайон | 134 000 |
| 7. | Здание столовой ОАО «Соҳибкор» | Гиссарский район, х-во Калинина, ул. Комсомол | 10 000 |
| 8. | Чайхана ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, городок С. Исоев, ул. Советская | 25 000 |
| 9. | Чайхана ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, Сельский джамоат «Навобод» | 15 000 |
| 10. | Павилон-столовая ОАО «Сомгар» | Б. Гафуровский район, Сельский джамоат Холматов | 30 000 |
| 11. | Склад ОАО «МНА-52» | город Куляб, мах. Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 12. | Здание столовой ОАО «Шахринав» | Шахринавский район, Сельский джамоат Богистон | 10 000 |
| 13. | Здание чайханы ОАО «Шахринав» | Шахринавский район, Сельский джамоат Богистон | 80 000 |
| 14. | Здание столовой ОАО «Спец АТП – 1» | район Рудаки, Сельский джамоат Гулистон, село Дарёобод | 25 000 |
| 15. | Здание лепешечной ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж. Расуловский район, ул. Совети | 25 000 |
| 16. | Рынок ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж. Расуловский район, ул. Совети 1 | 50 000 |
| 17. | Здание столовой ОАО «Қосимҷон» | Айнинский район, городок Айни 1 | 3 000 |
| 18. | Здание столовой ОАО «Бахтиёр» | Бохтарский район, ул. Хакназари Кабуд | 30 000 |
| 19. | Здание чайханы ОАО «Шарбат» | город Пенджикент, ул. Рудаки 2 | 50 000 |
| 20. | Здание столовой ОАО «Кимиёрӯзгор» | город Душанбе, пр. Рудаки 205 | 30 000 |
| 21. | Здание чайханы-столовой ОАО Темурмалик» | город Кайраккум, ул. Ленина 10 | 30 000 |
| 22. | Здание чайханы ОАО «Темурмалик» | город Кайраккум, ал. Ленина 10 | 40 000 |
| 23. | Здание столовой ОАО «Паррандапарвар 2» | Дж. Расуловский район, поселок Дехмой | 30 000 |
| 24. | Здание чайханы ОАО «Пахтаи Шахритус» | Шахритусский район, ул. Носири Хусрав, дом 6 | 30 000 |
| 25. | Здание магазина ОАО «Табак» | город Пенджикент, ул. К. Маркса 112 | 15 000 |
| 26. | Здание столовой ОАО «Табак» | город Пенджикент, ул. К. Маркса 112 | 30 000 |
| 27. | Здание сауны ОАО «Табак» | город Пенджикент, ул. Худойбердиева 3 | 40 000 |
| 28. | Здание столовой ОАО «Мостоспецстрой» | Раштский район, село Сари Пул | 5 000 |
| 29. | Здание чайханы ОАО «Пахтаи Шахритус» | Шахритусский район, ул. Носири Хусрав, дом 7 | 30 000 |
| 30. | Здание гостиницы ОАО «Носири Хусрав» | Кабадиянский район, Сельский джамоат Э. Ниёзов | 50 000 |
| 31. | Здание Кафе ОАО «Шарбат» | город Пенджикент, ул. Рудаки 2 | 70 000 |
| 32. | Столовая ОАО «Кони намак» | Аштский район | 30 000 |
| 33. | Баня ОАО «Кони намак» | Аштский равон | 40 000 |
| 34. | Столовая ОАО «Сайхун» | город Канибадам, городок Калинина | 50 000 |
| 35. | Домик отдыха для водителей ОАО «Сайхун» | город Канибадам, городок Калинина | 100 000 |
| 36. | Бассейн ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 5 000 |
| 37. | Баня ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 30 000 |
| 38. | Противопожарное здание ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 3 000 |
| 39. | Красный уголок ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 10 000 |
| 40. | Вагон-домик ОАО «Нафис» | город Душанбе, ул. Н. Хувайдуллоева, 133 | 3 000 |
| 41. | Здание магазина ОАО «АТП-35» | город Исфара | 15 000 |
| 42. | Здание столовой ОАО «Авторем» | город Душанбе, ул. Р. Набиева 218 | 150 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 и г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-84, г. Панджакент, пр. Рудаки 161, телефон 5-40-33,г. Курган-тюбе, ул. Борбад 1, кв. 46, телефон 917-54-65-65.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 и г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-84, г. Панджакент, пр. Рудаки 161, телефон 5-40-33,г. Курган-тюбе, ул. Борбад 1, кв. 46, телефон 917-54-65-65**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

## Эътибор надорад

➢Шаҳодатномаи хатми мактаби миёнаи силсилаи А, рақами 0079119-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №101, шаҳри Турсунзода соли 2007 ба Маматқулов Абдуманнон Абдукаримович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №06-50-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2007 ба Ҳасанов Ғаниҷон Юлдошалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли А №031936-и гумшуда, ки онро мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастори ноҳияи Шӯроободи вилояти Хатлон соли 1988 ба Муродов Сӯҳроб Рустамович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи бақайдгирии №2042-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ 31 марти соли 1987 ба Шералиев Гадойҷон додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли ШМҲ № 0008523-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №72 ноҳияи Рӯдакӣ соли 1997 ба Холов Дустмурод Раҷабович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) 17 июли соли 1993 таҳти реестри 2К-1103 бо суроғаи ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ), кӯчаи Айнӣ, хонаи 2 ба Сангов Турамурод Саидмуродович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши НТ №0240367-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 18 марти соли 2010 таҳти феҳрасти 1Ш-383 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Гулистон, бинои 49, ҳуҷраи 19 ба Шарипов Холназар Ҳусайнович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «Усто Хуршед» бо РЯМ 1210005913, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа барҳам мехӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Ҷураев Умриҷон, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0231571 бо РЯМ 0430113613 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25 майи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.


## ПОПУЛИН *АЗ КИРМҲО ХАЛОС МЕШАВЕМ!*

**Популин** дар асоси шираи сиёҳбед, ки ҳамчун воситаи зидди кирмҳо, зидди илтиҳоб ва ҳифз аз гепатит машҳур аст, омода гаштааст.

- барои нест кардани тамоми намудҳои кирми дар вуҷуди инсонбуда истифода бурда мешавад:



-барои боз ҳам афзудани таъсири дору баъди ҳар се рӯзи истифода **популин**ро бо об омехта клизма кардан зарур аст.

-ба ҷисми инсон зарар намерасонад ва бе тавсияи духтур истифода бурдан мумкин аст,

ҳатто ба ҳамаи нафарони солим бо мақсади пешгирӣ намудани пайдошавии кирм тавсия дода мешавад;

таъсирбахш аст, ҳар шахси истифодабурда беҳбудӣ ва фоидаашро зуд ҳис мекунад.

Тартиби истеъмол: ба кӯдакони аз 3 то 7-сола - 1/3-қошуқчагӣ, аз 7 то 12-сола - 2/3-қошуқчагӣ, аз 12-сола боло - дар як рӯз 2 бор якқошуқчагӣ, 30-40 дақиқа баъди хӯрок истеъмол кардан лозим аст.

Истеҳсолкунанда ООО «Биолит», Россия. **Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он - 985-33-33-17.**

Рақами қайд №000677. доруи эҳсосӣ. **Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед.**



Садои мардум. Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 15 июни соли 2012, соати 19.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26647 нусха

Навбатдорони шумора А. Мусоев ва Д. Мерганов

Тарроҳи компютерӣ И. Самохин